TAJSTAT

юнисеф
барои ҳар як кӯдак



# РОҲНАМО

## вобаста ба беҳтар намудани омори кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Душанбе - 2025

TAJSTAT

юнисеф
барои ҳар як кӯдак

# РОҲНАМО

## вобаста ба беҳтар намудани омори кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Душанбе - 2025

# Ихтисораҳо

| | |
|---|---|
| АДҲИА | Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| АИД | Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АО | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АСИН | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АШРҲ | Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ |
| БММ | Барномаи мониторинги муштарак |
| БМР | Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| БМС | Бознигарии муштараки соҳа |
| БОР | Бонки осиёии рушд |
| БРСММ | Барномаи рушди СММ |
| БТШОҚ | Берун аз таҳсил, шуғл ва омӯзиш қарордошта |
| БҶ | Бонки ҷаҳонӣ |
| ВА ҶТ | Вазорати адлияи  Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВКД | Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВТҲИА ҶТ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КДМ | Кӯдакони дорои маъюбият |
| КҲК | Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак |
| КУИ | Кӯмаки унвонии иҷтимоӣ |
| СИИМ | Системаи иттилоотии идоракунии маориф |
| СИИТ | Системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ |
| СММ | Созмони миллали муттаҳид |
| СМРМ | Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| СМР | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон  барои давраи то соли 2030 |
| СРҲИА | Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 |
| СҲСА | Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| СҶШ | Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ |
| ТБХ | Таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо |
| ТКНБ | Таҳқиқоти кластерӣ бо нишондиҳандаҳои бисёр |
| ТТД | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ |
| ТУТ | Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ |
| ҲРУ | Ҳадафҳои рушди устувор |
| ҲҶТ | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ЮНИСЕФ | Хазинаи кӯдакони СММ |
| ЮСАИД | Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ |
| MAPS | Mainstreaming (дохилшавӣ ба фаъолияти асосӣ), Acceleration (суръатбахшӣ) and Policy Support (дастгирии сиёсӣ) |

# Мундариҷа


Муқаддима ........ 5

**1. Ҳадаф, вазифа ва тавсифи методологии роҳнамо вобаста ба беҳтар намудани омори кӯдакон** ........ 6

**2. Таъмини риояи талаботи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак** ........ 8

**3. Раванди татбиқи ҲРУ** ........ 8

**4. Пайгирии пешрафт дар сатҳҳои гуногун** ........ 12

**5. Таҳлили оморӣ вобаста ба кӯдакон** ........ 15

Талабот ба маълумот ........ 15

Таъмини маълумот ........ 16

Истифодабарандагони маълумот ........ 17

Силсилаи тадқиқоту пурсишҳо чун манбаъи маълумот ........ 19

**6. Механизмҳои ҷамъоварии маълумот ва беҳтар намудани омори кӯдакон** ........ 23

Демография ........ 23

Камбизоатии кӯдакон ........ 24

Саломатӣ ва истеъмоли ғизо ........ 28

Таҳсилоти босифат ва рушд ........ 34

Баробарии гендерӣ ........ 39

Оби тоза ва санитария ........ 40

Кори шоиста ........ 42

Адолати судӣ нисбат ба кӯдакон ........ 44

“Касеро дар канор нагузоштан”– кӯдакони осебпазир ........ 47

**7. Асосноксозии самтгирии фаъолият дар беҳтар намудани омори кӯдакон** ........ 51

**8. Самтҳои стратегӣ барои сармоягузорӣ дар самти беҳтар намудани маълумот оид ба кудакон** ........ 54

Тақвияти талабот ба маълумот оид ба ҳуқуқи кӯдак ........ 56

Бартараф кардани камбудиҳои маълумот тавассути гузаронидани таҳқиқотҳо ........ 56

Беҳтар кардани сифати маълумоти маъмурӣ бар асоси арзёбии амиқ ........ 57

Беҳтар кардани механизмҳои байнисоҳавии мубодилаи маълумот ........ 58

Беҳтар кардани дастрасии маълумот вобаста ба кӯдакон ........ 58

Ташвиқи истифодаи маълумот, аз ҷумла дар сатҳи зермиллӣ ........ 59

# Муқаддима

Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи Созмони миллали муттаҳид (СММ) оид ба ҳуқуқи кӯдакро дар соли 1993 ба тасвиб расонид[1] ва то инҷониб Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҲТ) бо дастгирии ЮНИСЕФ ва дигар шарикони рушд ба пешбурди ҳуқуқҳои ҳар як кӯдак дар кишвар, махсусан кӯдакони бештар осебпазир таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ро таҳия намуда, ҷиҳати ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) уҳдадор шудааст[2].

Дар ин замина, ЮНИСЕФ дар шарикӣ бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили низомҳои оморӣ ва маълумоти вобаста ба кӯдаконро бо таваҷҷуҳ ба ҲРУ анҷом дод.

Ҳадафи ин таҳлил - гузаронидани арзёбии зуд ва умумӣ оид ба мавҷудият ва дастрасии маълумот барои мониторинги нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон, инчунин уҳдадориҳо дар бахши ҳуқуқҳои кӯдак аз нуқтаи назари талабот, пешниҳод ва истифодаи маълумот мебошад. Таҳлили мазкур ҷиҳатҳои қавӣ, камбудиҳо (холигоҳҳо), монеаҳо ва имкониятҳоро барои табдил додани иқтидори маълумот ба натиҷаҳо барои кӯдакон муайян кард.

Омори кӯдакон нафарони дар синну соли то 18 соларо фаро мегирад[3]. Дар сатҳи байналмилалӣ барои беҳтар намудани вазъи кӯдакону наврасон тадбирҳои гуногун андешида шудаанд. Талаботҳо нисбати омода намудани ҳисоботу иттилооти кишварӣ доир ба стратегияҳо ва ташаббусҳои мушаххас, доираи маълумотҳои оморӣ пайваста бо вазъи кӯдакону наврасон муайян шуданд. Ҳамзамон, масъалаи норасоии маълумотҳо ва зарурати такмили онхо таъкид мегардад.[4]

*Маълумоти кутоҳ доир ба нақши кӯдакон*. Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари дорои даромади пасттар аз миёна дар Осиёи Марказӣ мебошад. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба ҳар сари аҳолӣ 1160.8 доллари ИМА- ро дар соли 2023 ташкил медиҳад[5].

Кудакону наврасон дивиденди асосии демографиро ташкил медиҳанд - аз 10,3 млн нафар аҳолӣ 4,25 млн нафарро кӯдакону наврасони то синни 18 сола ташкил медиҳанд (ин 41,3% ахолии кишвар мебошад)[6]. Аҳолӣ зуд афзоиш меёбад ва мутобиқи дурнамо то соли 2030 шумораи кудакону наврасон ба 4,7 млн нафар[7] мерасад.

Таносуби духтарбачаҳо дар шумораи кӯдакону наврасони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо писарбачаҳо каме камтар аст - ҳиссаи духтарон 48,7% ва ҳиссаи

[1] Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак// https://www.ohchr.org/sites/default/files/Documents/ProfessionalInterest/crc.pdf

[2] Ҳамоҳангсозӣ ва афзалиятбандии стратегияҳои миллӣ ба манфиати кӯдакон бо ҲРУ-ҳои нигаронидашуда ба кӯдакон. Oxford Policy Management/ЮНИСЕФ, 2019.

[3] Моддаи 1 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак.

[4] Статистика о детях, Европейская Экономическая Комиссия Организации Объединенных Наций Guidance_ statistics_children_Publ Ru Web.pdf

[5] Бонки ҷаҳонӣ: https://www.worldbank.org/en/country/tajikistan/overview

[6] Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷаллам омори, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[7] World Population Prospects 2024.

писарон мутаносибан 51,3%-ро ташкил медиҳад[8].

Ҳоло 77,4%-и кӯдакону наврасони дар минтақаҳои деҳот ҷойгир шудаанд[9].

Сохтори қавмии кӯдакону нарасони кишвар аз 86,3% тоҷикон, 11,1% ӯзбекон, 2,6% қавмиятҳои дигар иборат мебошад.[10]

Яке аз авлавиятҳои аввалиндараҷаи кишвар ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи кӯдакон аст, зеро кишвар дарк мекунад, ки мисли тамоми ҷаҳон, то он даме, ки эҳтиёҷоти махсуси кӯдакон назорат ва ҳалли худро наёбад, дар тамоми Рӯзномаи соли 2030 ба аксари ҳадафҳои ҲРУ ноил шуда наметавонад. Дар ин раванд талошҳо баҳри бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта дар роҳи ба даст овардани натиҷаҳо барои кӯдакон, аз ҷумла дастрасии маълумотҳои асосӣ ва маълумоти гурӯҳбандишуда оид ба ҲРУ-и вобаста ба кӯдакон идома доранд.

## 1. Ҳадаф, вазифа ва тавсифи методологии роҳнамо вобаста ба беҳтар намудани омори кӯдакон

Дар Роҳнамои мазкур амалҳои марбут ба беҳтар намудани ҷамъоварӣ ва истифодаи омори кӯдакон, махсусан дар самти омодасозии иттилоот барои мониторинги риояи ҳуқуқҳои кӯдакон ва пайгирии нишондиҳандаҳои ҲРУ пайваста бо кӯдакон, пешниҳод шудаанд. Гузориши мазкур вазъи омор вобаста ба кӯдакон, аз ҷумла манбаъҳои маълумот аз рӯи таҳқиқот ва маълумоти маъмурӣ аз рӯи самтҳои ҲРУ -ро тавсиф мекунад.

Роҳнамои мазкур барои вазорату идораҳо, макомотҳои ичроияи хокимияти маҳаллии идоракунии давлатӣ, муассисаҳо ва агентиҳои манфиатдор, ки маълумотҳоро доир ба кудакон ҳамчун воситаи асоснок намудани самтгирии фаъолият барои ҳифзи ҳукукҳои кудакон ва ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор вобаста ба кудакон истифода баранд, пешбинӣ шудааст.

Дар мачмуъ, истифодаи маълумот барои ноил шудан ба ҲРУ вобаста ба кӯдакон ва ичрои самараноки уҳдадориҳо дар бахши ҳуқуқҳои кӯдак ду ҳадафи асосӣ дорад:

- таъмини дастгирии қабули қарорҳо дар самти рушди устувор;
- ташаккули заминаи зарурӣ барои таҳлили амиқтари масъалаҳое, ки бо ноил шудан ба ин мақсадҳо алоқаманд мебошанд.

Истифодаи самараноки маҷмӯи маълумотҳо метавонад ба самтгирии фаъолият таъсир расонида пешрафтро ба сӯи ояндае, ки мо мехоҳем, суръат мебахшад.

Дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти таъмини некӯаҳволии кӯдакон чунин вазифагузориҳо ҷойгир шуданд:

[8] Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020. Ҷилди 2 – Ҳайати синну солӣ, ҷинсӣ ва ҳолати акди никоҳи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[9] Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020. Ҷилди 2 – Ҳайати синну солӣ, ҷинсӣ ва ҳолати акди никоҳи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[10] Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020. Ҷилди 3 – Ҳайати миллӣ, донистани забонҳо ва шаҳрвандии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- ба миён овардани таҷрибаи таҳия намудани гузоришҳои миллӣ дар самти некӯаҳволии кӯдакон бо инъикоси иштироки иҷтимоӣ, аз чумла кӯдакони маъюб, ятим, кӯдакон аз оилаҳои камбизоат, кӯдакони дар низоъ бо қонунбуда;
- рушди институтсионалии низоми ҳимояи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак, ташаккули сиёсати беҳтар намудани вазъи кӯдакон (дар қонун ҷорӣ намудани мафҳуми "адолати ҳуқуқӣ барои кӯдакон");
- ташаккули низоми пешгирии бадшавии некӯаҳволии кӯдакон;
- таъсис додани ниҳоди ҳифзи ҳуқуқи кӯдак (Омбудсмен) ва гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ дар робита ба адлияи ювеналӣ (ноболиғон).

Дар ин раванд, муҳим аст, ки маълумот вобаста ба кӯдакон - бо риояи принсипу методологияи расмии СММ  мунтазам ҷамъоварӣ карда шавад, натиҷаҳо ва тамоюлҳои рушд мунтазам пайгирӣ карда шаванд. Дастрасии мунтазами маълумот барои асоснок намудани афзалиятҳо дар бахшҳои гуногун, ки вазъи кудаконро инъикос мекунанд, мусоидат менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муваффакиятҳо дар самти чен намудан ва мониторинги  некуаҳволии кудакон ноил гардид, ҳамзамон барои беҳтар кардани сифати маълумот кӯшишҳои ҷиддӣ лозим мебошанд. Барои ин сармоягузориҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар самти чамъоварӣ, ҳисоботдиҳӣ, паҳн ва идораи сифати маълумот, ки барои истифодаи натичаноку самаранок аз тараф макомотҳои идоракунии давлати  ва тарафхои гуногуни манфиатдор (мисол, бахши хусуси, олимон, чомеаи васеи шахрвандӣ) лозим аст,  муҳим мебошад.

Бар асоси натиҷаҳои таҳлили маълумот ва низомҳои оморӣ, самтҳо ва вазифаҳои афзалиятнок оид ба таҳкими ҷамъоварии маълумот барои кӯдакон ҷиҳати муайян намудани самтҳои сармоягузории стратегӣ таҳия карда шуд. Роҳнамои мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ЮНИСЕФ ва дигар шарикон кӯмак мекунад, ки захираҳои маҳдудро ба амалҳои мушаххас ҷиҳати беҳтар намудани маълумот барои кӯдакон равона кунанд ва дар бораи талошҳои сафарбаркунии захираҳо дар оянда иттилоот пешниҳод намоянд. Таҳлили маълумоти оморӣ ва Нақшаи амалҳо хусусан ба Агентии омор ва дигар вазорату идораҳои дахлдор барои баррасӣ ва амалӣ намудани афзалиятҳои дар Стратегияи миллии рушди омор бо дарназардошти беҳтар намудани омори кӯдакон кӯмак мекунад. Он ҳамчунин ба ЮНИСЕФ барои амалӣ намудани Чорчӯбаи стратегии ЮНИСЕФ оид ба маълумот барои кӯдакон дар доираи барномаи кишварии он барои солҳои 2023-2026 кӯмак хоҳад кард.

Таҳлили маълумоти оморӣ бар асоси баррасии дохилии доираи васеи гузориш ва ҳуҷҷатҳои мавҷуда, ба монанди арзёбиҳои системаҳои иттилоотӣ, нашрияҳои оморӣ, қонунгузории миллӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва сомонаҳои расмӣ анҷом дода шудааст. Дар он ҳамчунин иттилооте истифода мешавад, ки дар тӯли се давраи семинарҳои машваратӣ бо мақомоти ҳукуматӣ дар доираи зергурӯҳи Гурӯҳи кории байниидоравии ҲРУ дар назди Агентии омор, мусоҳибаҳои асосӣ бо намояндагони дахлдори вазоратҳои соҳавӣ, доираҳои илмӣ ва шарикони рушд, инчунин ҷаласаҳои машваратӣ бо идораҳои дахлдори СММ ва кормандони ЮНИСЕФ дар сатҳи миллӣ ҷамъоварӣ карда шудааст.

## 2. Таъмини риояи талаботи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак

Аз замони ба тасвиб расидани Конвенсия аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1993 барои мутобиқ кардани қонунгузорӣ Ҳукумати ҶТ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дод. Силсилаи конунҳо, ба мисли - «Дар бораи ҳифзи ҳукукҳои кудак», «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», «Дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон» қабул шуданд, ки муҳтавои асосии Конвенсияро инъикос мекунанд.

Тибқи моддаи 35, давлатҳои узв ӯҳдадор мешаванд, ки ба Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак дар бораи чораҳои андешидаашон барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои дар Конвенсия эътирофшуда ва дар бораи пешрафти татбиқи ин ҳуқуқҳо ҳисобот пешниҳод намоянд.

То ҳол аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 гузориши миллӣ оид ба иҷрои муқаррароти Конвенсияи мазкур пешниҳод шудааст.

Дар маҷмуъ, дар гузоришҳои солонаи худ, Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак таваҷҷуҳро ба маълумот бо чунин хулосаҳо таъмин гардонид:

а) зарурати беҳтар кардани ҷамъоварии маълумот дар бораи кӯдакони осебпазир дар аксарияти мутлақи кишварҳо ҷой дорад;

б) ҷой доштани норасоии маълумотҳо натиҷаи нобаробарӣ дар пешрафти барномаҳои гуногун доир ба кӯдакон мебошад, махсусан доир ба низоми таъмини некуаҳволии кӯдакон.

Дар Қайдҳои хулосавии охирин (с.2017), Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (КҲК) таъкид намудааст, ки маълумот дар бораи ҳамаи шахсони зери 18-сола барои таҳлили вазъи кӯдакон ва таҳияи сиёсатҳои соҳавии ҳадафманд муҳим аст. Ҳамчунин тавсия дода шуд, ки маълумоти аз ҷониби давлат - Агентии омор ҷамъоваришаванда, аз ҷумла аз рӯи - синну сол, ҷинс, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, мансубияти қавмӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ гурӯҳбандӣ карда шуда, барои огоҳ кардани сиёсатмадорон ва истифодаи самарабахши иттилоот талошҳо ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори мақомоти давлатӣ барои таҳлилу арзёбиҳои мушаххас доир ба амалишавии ҲРУ бояд анҷом дода шаванд[11].

## 3. Раванди татбиқи ҲРУ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) фаъолона пеш рафта истодааст.

Татбиқи ҲРУ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди семарҳилаи аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ва Ҳукумат қабулгардидаро дар бар мегирад:

- муайян намудани сатҳи нишондиҳандаҳои ҲРУ;
- ҳамгироии ҲРУ ба барномаю нақшаҳои рушди кишвар;

[11] Мушоҳидаҳои ҷамъбастӣ оид ба гузоришҳои давравии сеюм то панҷуми Тоҷикистон. КҲК, 2017.

- таъсис додани низоми андозагирӣ барои чен кардани пешрафт дар татбиқи ҲРУ.

«Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳо оид ба мушаххас намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои ҲРУ бо назардошти низоми миллии нишондиҳандаҳои рушди устувор ба роҳ монда шуда, равандҳои ворид намудан ва баҳисобгирии ҳатмии ҲРУ дар барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва минтақавие, ки милликунонии онҳоро мушаххас менамояд, оғоз шуданд»[12].

**Милликунонӣ ва маҳаллигардонии ҲРУ**. Барои баҳодиҳии пешрафт дар рушди устувор мақомоти (ташкилотҳои) масъули давлатӣ милликунонидани тамоми нишондиҳандаҳои рушди устуворро тавассути ҳамгироии онҳо ба стратегияю барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ, нақшаҳои рушд, ки фаъолияти Ҳукумат, мақомоти марказӣ ва маҳаллиро муайян мекунанд, таъмин намуда, сатҳи нишондиҳандаҳои мақсаднокро барои ченкунии дараҷаи ноил шудан ба ҲРУ -ро муайян менамояд.

Барои таъмини муттаҳидсозии фаъолиятҳо оид ба татбиқи ҲРУ Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Дар Шӯро 14 гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шудааст, ки вазифаи асосии онҳо таҳлили равандҳои татбиқи стратегияю барномаҳои рушд мувофиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои дарозмуддати рушд дар доираи ҲРУ мебошад.

ҲРУ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, № 585 тасдиқ шудааст) инъикос гардида, бо барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманданд. Ҳама санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар кишвар қабул мешаванд, мутобиқат ба Рӯзномаи рушди устувор арзёбӣ мешаванд.[13]

Ҳоло кор дар самти мушаххас кардани ҳадафҳову вазифаҳои ҲРУ бо дарназардошти низоми миллии нишондиҳандаҳои рушди устувор амалӣ шуда истодааст, раванди ворид кардан ва ба эътибор гирифтани ҲРУ дар барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ оғоз шудааст, ки самти фаъолиятҳоро мушаххас менамояд. Соли 2017 миссияи MAPS дар Тоҷикистон арзёбии ҳамаҷонибаи (комплексии) зудро дар мавриди ҳамоҳанг будани ҲРУ бо стратегияҳову барномаҳои рушди кишвар баргузор намуд. Муайян шуд, ки дар ду санади миллии стратегии кишвар – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солхои 2016-2020, тақрибан 64%-и вазифаҳои ҲРУ инъикоси худро ёфтанд. Бознигарии васеътар, ки 10 стратегияву барномаи миллии рушди кишварро дар бар мегирифт, дараҷаи ҳамгироиро дар сатҳи 78% нишон дод. Дар натиҷа харитаи/профили Тоҷикистон дар мавриди сатҳи ҳамоҳанг будани ҲРУ бо стратегияҳову барномаҳои рушди кишвар тартиб дода шуд ва ин сатҳи гуногуни ҳамоҳангии ҳадафҳоеро нишон дод, ки бевосита бо масъалаҳои демографӣ алоқаманданд: ҲРУ 1 (камбизоатӣ) – 60%, ҲРУ 2 (гуруснагӣ, камғизоӣ) – 80%, ҲРУ 3 (тандурустӣ) – 100%, ҲРУ 4 (маориф) – 100%, ҲРУ 5 (гендер) – 100%, ҲРУ 10 (нобаробарӣ) – 71% ва ғайра.

[12] Барномаи миёнамухлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солхои 2021 - 2025

[13] Мувофики моддаи 16 Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» хеле муҳим аст, ки мутобиқати ҳадаф, афзалият ва вазифаҳои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ба Ҳадафҳои Рушди Устувор таъмин гардад.




Вазифаҳои марбут ба амалисозии ҲРУ ба фаъолиятҳои барномавии кишвар ҳамгиро карда шудаанд. Барои Тоҷикистон, бо дарназардошти равандҳои демографӣ, зарурати ҳавасманд ва ташвиқ намудани шарикии самарабахш миёни сохторҳои давлатӣ, бахшҳои давлативу хусусӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо такя ба таҷрибаву стратегияҳои истифодаи имкониятҳои ҳамаи иштироккунандагони манфиатдор муҳим аст.

Самаранокии кӯшишҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ, ӯҳдадориҳо оид ба амалисозии ҲРУ ва беҳтар намудани некӯаҳволии кӯдакон бидуни мониторинги сифат, ки арзёбии дуруст ва боэътимоди пешрафт дар самти ноил шудан ба ҳадафҳоро таъмин менамояд, ғайриимкон аст. Гузаронидани мониторинг имкон медиҳад, ки дар асоси ҷамъоварии иттилоот ва таҳлили он тасаввуроти мувофиқ оиди вазъ, тамоюлҳои асосӣ ва дар ин замина таҳияи қарорҳои самароки идоракунӣ ташаккул ёбанд.

Масъулияти асосӣ барои ба накшагирӣ ва татбиқи ҲРУ ба зиммаи Ҳукумати мамлакат гузошта мешавад. Дар баробари ин, татбиқи ҳадафҳои глобалии мазкур бе тадбирҳои дахлдор дар сатҳи маҳаллӣ ғайриимкон аст. Ҷорӣ ва татбиқ намудани

ҲРУ дар сатҳи маҳаллӣ шарти муҳим барои ноил шудан ба ҳадафҳои глобалӣ дар тамоми ҷаҳон мебошад.

Ҳоло Тоҷикистон дар марҳилаи фаъоли маҳаллисозии ҲРУ қарор дорад, ки дар доираи он алоқамандииии Ҳадафҳои рушди устувори глобалӣ бо ҳадафҳо ва тадбирҳои маҳаллӣ таъмин карда мешавад.

Ҳамзамон, маҳаллисозӣ пешбурди вазифаҳо, иттилоот, захираҳо ва тадбирҳоро дар ду самти бо ҳам алоқаманд ва мукаммалкунанда таъмин менамояд:

- ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои глобалӣ дар сатҳи маҳаллӣ баррасӣ карда мешаванд: мақомоти маҳаллӣ ва сокинон муайян менамоянд, ки чӣ тавр онҳо метавонанд дар татбиқи ин ҳадафҳо дар минтақаи худ саҳм гузоранд;
- пешрафт ва ташаббусҳо дар сатҳи маҳаллӣ ба рӯзномаи миллӣ ва глобалӣ дохил карда мешаванд.

Ҳадафи асосӣ барои оянда ин таҳкими биниши рушди устувори маҳаллӣ дар барномаҳо мебошад, ки якҷоя бо ҷорӣ намудани манбаъҳо, афзалиятҳои сиёсат ва самтҳои фаъолият ба равандҳои мониторинги нишондиҳандаҳои ҲРУ амалӣ мегардад. Дар ин самт афзоиши фаъолият дар таҳкими иқтидори ҳисоботдиҳии омори маҳаллӣ, мусоидат намудан ба ҳамкории мақомоти маҳаллӣ бо вазорату кумитаҳои соҳавӣ пешбинӣ шудааст.

Низоми таҳияшудаи миллии нишондиҳандаҳо оид ба мониторинги ҲРУ дар аксар маврид имкон медиҳад, ки ақаллан то сатҳи вилоятӣ тақсимоти онҳоро таъмин намояд.

***Баинобатгирии манфиатҳои кудакон дар Шарҳҳои ихтиёрии миллӣ ва маҳаллӣ***. Шарҳи ихтиёри миллӣ/ ё маҳаллӣ - равандест, ки кишварҳо тавассути он вазъи рушди миллӣ/ ё маҳаллӣ ва пешравиро дар самти татбиқи ҲРУ арзёбӣ ва пешниҳод менамоянд.

Ҳадафи шарҳи ихтиёрии миллӣ ё маҳаллӣ - таҳкими сиёсат ва фаъолияти ниҳодҳо барои сафарбар кардани шарикии бисёрҷониба баҳри ноил шудан ба ҲРУ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ду маротиба Шарҳи ихтиёрии миллиро – дар соли 2017 (таҳти мавзӯи „Баландтар намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ дар асоси вориди ҲРУ ба сиёсати миллии Тоҷикистон“) ва дар соли 2023 (таҳти мавзӯи „Рушди «сабз» барои ояндаи устувор ва дурахшон“) омода ва муаррифӣ намуд. Ҳамзамон як маротиба Шарҳи ихтиёрии махаллӣ (таҳти мавзӯи „Душанбе: ояндаи “ҳушманд” ва устувор”) дар соли 2024 пешниход гардид. Дар маводҳои мазкур ишораҳо доир ба ҷамъоварии маълумот ва инъикоси вазъи кудакону наврасон таъмин гардонида шуда, зарурати такмили базаи омори ватанӣ таъкид гардид.

Тоҷикистон дар соли 2023 сию сеюмин солгарди истиқлолияти худро таҷлил кард. Дар тӯли 30 соли баъди тасвиби Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, Тоҷикистон дар самти таҳкими меъморӣ ва татбиқи хизматрасониҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии кӯдакони кишвар қадамҳои назаррасро анҷом додааст. Ҷашни мазкур имконияти хубе фароҳам овард, ки дар бораи дастовардҳои гузашта дар бахши ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқҳои кӯдакон андешаронӣ намуда, аз ҷиҳати стратегӣ баррасӣ карда шавад, ки ҷиҳати таъмини ояндаи беҳтар барои ҳар кӯдак дар Тоҷикистон чӣ кор кардан мумкин аст.

# 4. Пайгирии пешрафт дар сатҳҳои гуногун

Арзёбии пешрафт дар самти ноил шудан ба ҲРУ дар сатхи миллӣ ва байналмилалӣ таъмин мегардад.

*Манбаъҳои байналмилалии маълумот ва омор дар бораи кӯдакон*. Сарчашмаи асосии омори ҷаҳонӣ доир ба кӯдакон Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) мебошад, ки мунтазам гузоришҳои байнисоҳавӣ ба монанди «Вазъи кудакони чаҳон», инчунин силсилаи нашрияҳои ба маълумот асосёфтаро нашр мекунад.

ЮНИСЕФ дорои маълумотҳои барои омма дастрас буда, вазъи кудаконро аз руи маҷмуи нишондиҳандаҳои тасдиқшуда ва муқоисашавандаи байналмилалӣ бо инъикоси ҷанбаҳои гуногун, ба мисли - демография, маъюбият, камбизоатӣ, ғизо, фавту саломатӣ, таълиму инкишоф, зӯроварӣ, санитария ва гигиена, меҳнати кӯдакон, арзёбӣ менамояд. Ташаббуси минтақавии ЮНИСЕФ дар доираи платформаи пайгирии талошҳои кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ барои пайгирии амалисозии ҳуқуқҳои кудакон, аз ҷумла ҲРУ-и вобаста ба кӯдакон[14], имкон медиҳад, ки кӯшишҳои ҳар як кишвар доир ба ҳадафҳои муҳим арзёбӣ шуда самтҳои ҳалталаб асоснок карда мешавад .

Дар чорчубаи кӯшишҳои мониторингии ноил шудан ба ҲРУ дар сатҳи байналмиллалӣ аз тарафи дигар ташкилотҳо воситаҳои арзёбии натиҷаҳо доир ба ҳар як ҲРУ ва индикаторҳои мушаххаси он коркард шуданд, аз ҷумла:

- дар доираи платформаи Атласи Ҳадафҳои Рушди Устувор (Atlas of Sustainable Development Goals), ки аз тарафи Бонки ҷаҳонӣ таҳия ва доим бозбинӣ карда мешавад. Дар он тарзҳои чен кардани ҲРУ низ муаррифӣ мешаванд[15].
- дар раванди арзёбии Индекси ҲРУ (SDG Index), ки ҳар сол барои муаррифии рейтинги кишварҳои ҷаҳон пешниҳод мегардад, ҳамасола аз ҷониби Институти Bertelsmann/SDSN нашр мешавад[16]. Тибқи Ҳисобот оиди индекс ва нишондиҳандаҳои маҷмӯии ҲРУ барои соли 2023 Тоҷикистон дар ҷои 89-ум қарор дорад (аз 166 кишваре, ки ба тадқиқот дохил карда шудаанд); баҳои Тоҷикистон (68,09 хол) гувоҳи он аст, ки кишвар ба ҳисоби миёна 68,09% «роҳи ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарини имконпазирро барои 16 ҲРУ» гузаштааст (кишвар дар татбиқи ҲРУ 14 иштирок намекунад)[17].
- Платформаи умумиҷаҳонии маълумот оид ба нишондиҳандаҳои ҲРУ (Global SDG Indicators Data Platform), ки иттилоотро аз ҷониби Департаменти омори СММ пешниҳодшударо инъикос менамояд. Дар он доир ба беш аз 210 нишондиҳанда маълумот ҷамъоварӣ шудаст[18].

*Манбаъҳои миллии маълумот ва омор дар бораи кӯдакон.* Дар соли 2023 Агентии омор дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо (ВРИС) ва дигар вазорату идораҳои дахлдор платформаи пайгирии ҲРУ (SDG Tracker)-ро бо дастгирии техникии Комиссияи иҷтисодӣ ва иҷтимоии СММ барои Осиё ва Уқёнуси ором (ESCAP) таҳия намуд(https://tajstat.github.io/sdg-site-tajikistan/tg/). Платформа

[14] Transformative Monitoring for Enhanced Equity – TransMonEE: www.transmonee.org

[15] https://datatopics.worldbank.org/sdgatlas?lang=en

[16] https://dashboards.sdgindex.org

[17] Ҳисобот оиди рушд устувор 2024//https://sdgtransformationcenter.org/reports/sustainable-development- report-2024

[18] https://unstats.un.org/sdgs/dataportal

имконият медиҳад, ки ҳадафҳои миллӣ барои арзёбии пешрафт аз рӯи 131 нишондиҳандае, ки барои онҳо маълумот дастрас аст, тавассути тартиб додани диаграммаҳои пешрафти ҲРУ муайян карда шаванд. Бартарии он дар мутобиқсозии маҷмӯи нишондиҳандаҳо (илова кардани нишондиҳандаҳои ғайримустақим ва/ё коҳишёбии нишондиҳандаҳо), таҷдиди маълумот ва муқаррар кардани ҳадафҳои миллӣ мебошад.

Арзёбии пешрафт дар се сатҳ анҷом дода мешавад: ҳадаф, вазифа ва нишондиҳанда. Платформаи пайгирии ҲРУ ҳамчунин истифодаи маълумоти гурӯҳбандишударо ташвиқ мекунад.




Тоҷикистон уҳдадор шудааст, ки бо истифода аз дивидендҳои демографӣ, сармоягузорӣ ба хифзи хукукхои кудакон рушди иқтисодии устувор ва ҳамаҷонибаро таъмин намояд. Таҳия намудани маълумоти саривақтиву тақсимбандишуда ва таъмин кардани истифодаи онҳо барои банақшагирии / тартибдиҳии буҷет / пешгӯӣ ва сармоягузориҳои давлатӣ низ ба нақша гирифта мешавад. Уҳдадориҳо ҷиҳати бунёд намудани ҷомеаи фарогир (инклюзивӣ), ки дар он кудакону наврасон новобаста аз макони зист, чинс ва саломатноки худро арзишманд эҳсос кунанд, қодир бошанд тақдири худро ташаккул диҳанд ва дар шукуфоии ҷомеаи худ саҳм гузоранд, қабул шудаанд

Консепсияи Платформаи мазкур бо дарназардошти пешрафтҳои технологӣ ва методӣ дар самти фаъолияти чунин платформаҳо, инчунин регламенти ташкилию техникии ҳамкории мақомоти давлатӣ таҳия шудааст.

Платформаи мазкур як манбаи ягонаи маълумот мебошад, ки пешрафтро дар самти ноил шудан ба ҲРУ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва пайгирӣ бояд намояд. Он дар таҳияи ҳуҷҷатҳои миллии стратегӣ ва барномаҳои ҳамкорӣ бо ташкилотҳои СММ бояд васеъ истифода шавад; тавассути фикру мулоҳизаҳо он ба такмил додани низоми нишондиҳандаҳои ҲРУ бояд мусоидат намояд.

Дар ин раванд Платформаи миллии ҳисобот оид ба ҲРУ ба талаботҳои Принсипҳои асосии омори расмӣ ва Рӯзномаи 2030 бояд мувофикат намояд:

- **муқоисашавандагӣ:** Платформаи мазкур маълумотеро пешниҳод мекунад, ки мутобиқи метамаълумотҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда таҳия шудаанд;
- **шаффофият:** Платформаи мазкур имкони интишори метамаълумоти дахлдор ва дигар маълумоти заминавиро таъмин менамояд;
- **саривақтӣ:** Платформаи мазкур имкони пешниҳоди маълумотро оид ба нишондиҳандаҳои ҲРУ ба таври доимӣ таъмин менамояд;
- **дастрасии васеъ:** Платформаи мазкур дастрасиро ба нишондиҳандаҳои ҷамъоварда таъмин менамояд.

Платформаи миллии ҳисобот оид ба ҲРУ барои ба даст овардани натиҷаҳои зерин кӯмак мекунад:

- баланд бардоштани сатҳи огоҳии доираи васеи истифодабарандагон ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба масъалаҳои рушди устувор;
- пешниҳоди иттилооти муосир ба ҳукумат ва мақомоти идоракунии давлатӣ барои банақшагирӣ ва самтгирии фаъолият дар ноил шудан ба рушди устувори кишвар;
- мавҷудияти захираи иттилоотӣ барои таҳияи ҳисоботҳои миллӣ оид ба ноил шудан ба ҲРУ дар кишвар;
- ба тартиб даровардани кор бо созмонҳою ташкилотҳои байналмилалӣ.

Мақомоти масъули давлатӣ барои муайян кардани сатҳи мақсадноки нишондиҳандаҳои ҲРУ масъул мебошанд.

Маълумот доир ба кӯдакон ҳам дар Платформаи миллии ҳисобот оид ба ҲРУ ва ҳам дар махзани маълумотҳои созмонҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои махсус мавҷуд аст. Фаъолият дар самти таъмини мутобиқати ин маълумотҳо идома дорад. Аммо, дар амал аз сабаби истифодаи методологияҳои гуногун, тасҳеҳи нишондиҳандаҳо аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ барои таъмини муқоисаи байналмилалии онҳо, вақтҳои гуногуни навсозӣ фарқиятҳо мавҷуданд.

Агентии омор лоиҳаи Дастурамал оид ба метамаълумот барои мониторинги ҲРУ таҳия намуда, платформаи миллии мониторинги ҲРУ ва паҳнкунии маълумотро роҳандозӣ намуд[19], ки дар соли 2021 дар доираи лоиҳаи аз ҷониби Британияи Кабир маблағгузоришавандаи "Мониторинги Ҳадафҳои рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки аз ҷониби Барномаи рушди СММ (БРСММ) татбиқ карда мешавад, таҳия карда шудааст. Агентии омор якҷо бо дигар муассисаҳои давлатӣ вазифадор гардида аст, ки махзани иттилоотро мутобиқи равишҳои байналмилалӣ ҷиҳати мониторинги ба даст овардани нишондиҳандаҳои ҲРУ дар сатҳи миллӣ дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии СММ нигоҳ дорад. Платформа имконият медиҳад, ки маълумот паҳн карда шуда, аз тарафи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор истифода шавад. Бо вуҷуди ин, дар таҷдиди мунтазам ва дастрасии сомона ба сабаби мушкилоти пайвастшавӣ душвориҳо вуҷуд доранд.

Дар буҷети давлатӣ маблағгузории татбиқи афзалиятҳои миллӣ мутобиқ бо ҳадафҳои дахлдори ҲРУ пешбинӣ карда мешавад; бо вуҷуди ин, парокандагии барномаҳо ва сатҳҳои гуногуни самарабахшии онҳо имконият намедиҳанд, ки маблағгузорӣ барои ҳар ҲРУ арзёбӣ карда шавад. Тавре ки ҲРУ бахше аз чорчӯбаи сиёсати миллии кишвар мебошанд, муҳим аст, ҲРУ ба чорчӯбаҳои

[19] http://sdg.stat.tj/

буҷети кишварҳо ҳамгиро карда шаванд, ки барои назорат ва баррасии таъсири қарорҳои вобаста ба буҷет ва эҷоди робитаҳои байни тақсимоти захираҳои давлатӣ ва татбиқи ҳадафҳои ҲРУ мусоидат мекунад.

Дар соли 2022, Вазорати молия дастурҳои (сиркуляр) вуҷуддоштаи буҷет ва қолабҳои воситаи пайгирии ҲРУ-ро васеъ намуд, ки муттаҳид кардани ҳадафҳои ҲРУ-ро бо чорчӯбаҳои натиҷаҳои ниҳоии буҷет талаб мекунанд. Ин муттаҳидсозӣ мутобиқсозии дастурҳои буҷетиро барои ҳамгиросозии сиёсати ҲРУ ба раванди вуҷуддоштаи буҷет, ба монанди буҷети барнома ва иттилоот дар бораи иҷрои буҷет, фаро гирифтааст.

Кӯшишҳо муттафиқона ба ҳалли мушкилот вобаста ба васеъ намудани иқтидори мақомоти омор оид ба ҷамъ оварда пешниҳод намудани маълумот барои арзёбии ҲРУ равона карда шудаанд, аз ҷумла дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, № 585 тасдиқ шудааст). Интизорӣ меравад, ки сифат ва дастрасии маълумоти миллӣ дар доираи ислоҳоти ҷорӣ оиди арзёби намудани пешрафт дар самти татбиқи ҲРУ беҳтар мегардад.

# 5. Таҳлили оморӣ вобаста ба кӯдакон

## Талабот ба маълумот

*Барои арзёбии вазъи кӯдакон дар доираи ҳисоботҳои кишварӣ (мисол, доир ба иҷрои ӯҳдадориҳои кишвар) оиди пешрафт ва рушд ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти васеъ ва мушаххас доир ба ҷанбаҳои калидии ҳуқуқҳои кӯдакон зарур аст.* Дар маҷмӯъ, Тоҷикистон, ки Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдакро (КҲК) ба тасвиб расонидааст, уҳдадор гардидааст, ки маълумотро барои мониторинги вазъи кӯдакон дар кишвар беҳтар намояд. Нақшаи миллии амал барои солҳои 2018-2022 оид ба татбиқи Қайдҳои хулосавии КҲШ дар соли 2017 якчанд тадбирҳои марбут ба маълумотро дар бар мегирад. Тоҷикистон гузориши давлатии давравии шашум ва ҳафтуми худро дар моҳи майи соли 2022 ба КҲК пешниҳод кард, ки дар он пешрафтҳои бадастомада, ҳамчунин дар бораи маълумот дарҷ карда шудаанд.

*Барои мутобиқ намудани стратегия ва барномаҳои рушди иҷтимоии кишвар, соҳаҳою бахшҳо ва минтақаҳои он ба талаботҳои қонунгузорӣ баинобатгирии ҲРУ вобаста ба кӯдакон ҳатмӣ мебошад.* Мувофиқи моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон „Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ“ ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ (стратегия, барномаҳои миёнамуҳлати рушд) бояд мутобиқати ҳадаф, афзалият ва вазифаҳоро ба Ҳадафҳои Рушди Устувор таъмин намоянд. Ҳоло доир ба ҳамаи соҳаҳою бахшҳо ва минтақахои кишвар стратегия ва барномаҳои рушд, ки ҷанбаҳои иҷтимоиро инъикос мекунанд, мавриди коркард ва иҷро қарор дорад. Эҳтиёҷот нисбат ба асоснокккунии ғояҳо ва арзёбии онҳо, аз чумла ноилшавӣ ба ҲРУ вобаста ба кӯдакон, меафзояд.

*Барои мониторинги иҷрои стратегия ва барномаҳои рушди иҷтимоии кишвар, соҳаҳою бахшҳо ва минтақаҳои он доираи истифодаи нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон торафт васеътар мегардад.* Дар тӯли солҳои охир Ҳукумати Тоҷикистон чанд ӯҳдадории ченшавандаро дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии миллӣ ва зермиллӣ дохил намуд, мисол, ба Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (БМР)

якчанд афзалият ва нишондиҳандаҳои асосии вобаста ба кӯдакон ворид шуданд. Ҳамзамон, ҳуҷҷатҳои стратегии соҳавӣ, махсусан дар бахши рушди маориф, ҳифзи саломатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, об ва санитария, афзалиятҳо вобаста ба кӯдакон ва нишондиҳандаҳои ҲРУ-ро дар бар мегиранд.

Дар сатҳи зермиллалӣ - ба барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисоди минтақаҳои кишвар (барномаҳои рушди иҷтимоӣ – иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо) , торафт бештар нишондиҳандаҳои ҲРУ ворид мешаванд. Яъне маҳаллисозии ҲРУ зарурати асосноксозии нишондиҳандаҳои ҳадафнокро дар миқёси минтақаҳоро афзун мегардонад. Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 набудани иттилоот барои арзёбии нобаробарии иҷтимоӣ дар кишвар ва зарурати ҳамгиросозии ҲРУ ба барномаҳои рушди маҳаллӣ ва густариши раванди маҳаллисозии (локализатсияи) ҲРУ қайд карда мешавад.

*Дар маҷмӯъ, мавҷудияти маълумоти ҳамаҷониба ва гурӯҳбандишуда дар бораи кӯдакон, истифодаи самарабахши он дар тамоми сатҳҳои маъмурӣ хеле муҳиму зарур аст.*

## Таъмини маълумот

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Агентии омор) дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои давлатӣ, ки барои пешбурди омори давлатӣ ваколатдоранд, тавассути ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии СММ вазифаи таъмини пешниҳоди маълумотҳо барои мониторинги минбаъдаи нишондиҳандаҳои ноил шудан ба ҲРУ дар сатҳи миллӣ ба ӯҳда гирифт.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори марказии иҷроия мебошад, ки омори расмиро мутобиқи Қонун “Дар бораи омори давлатӣ” таҳия менамояд[20]. Ба сохтори Агентии омор мақомоти марказии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Маркази кулли ҳисоббарорӣ (МКҲ); 4 сарраёсати омори вилоятӣ ва ш.Душанбе; 68 раёсат, шуъба ва бахшҳои омори ноҳияҳо ва шаҳрҳо дохиланд.

Маҷмуаҳои Агентии омор дар нусхаи чопӣ ва электронӣ дар сомонаи Агентии омор дастрас мебошанд[21]. Аз соли 2015 инҷониб Агентии омор тадриҷан ба ҳисоботдиҳии электронӣ тавассути кабинети шахсии ҳисоботсупорандаҳо гузашта истодааст. Ҳадафи Агентии омор эҷод намудани китобҳои электронӣ ва дар ниҳоят Феҳристи (Регистри) аҳолӣ мебошад.

Робитаю муколамаҳои васеъ байни Агентии омор ва дигар аъзоёни низоми омори миллӣ, мақомотҳои соҳавию минтақавии идоракунии давлатӣ оид ба баррасӣ ва мониторинги риояи ҳуқуқҳои кӯдакон ва пайгирии нишондиҳандаҳои ҲРУ пайваста бо кӯдакон муҳим буда, аҳамияти таъмини тавофуқи умумӣ оид ба ваколату ӯҳдадориҳои тарафҳои манфиатдор дар ин самт хеле баланд аст.

Системаҳои иттилоотии идоракунии соҳавӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушд қарор доранд ва соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба пешрафти бештар ноил шуда, аз ҷониби шарикони рушд ва муассисаҳои байналмилалии молиявӣ дастгирӣ карда мешаванд.

Дар Тоҷикистон маълумоти маъмурӣ мунтазам ҷамъоварӣ карда мешавад, вале гурӯҳбандии маълумот аз рӯи синну сол ва ҷинс ба пуррагӣ дарёфт карда намешавад. Маълумоти ҷамъовардашуда на ҳамеша ба ниёзҳо ба маълумот

[20] Қонуни ҶТ “Дар бораи омори давлатӣ”: https://stat.tj/storage/pages/law_of_the_republic_of_tajikistan_on_state_statistics_1.pdf
[21] https://www.stat.tj/tafsiri-elektronii-nashriyaho-bojgoni-2/

мувофиқат мекунад. Системаҳои ҷамъоварии маълумот аксари вақт маълумоти лозимиро дар вақти зарурӣ таъмин наменамоянд. Маълумот дар бораи хонаводаҳо ва кӯдакони осебпазирин на ҳама вақт ба пуррагӣ фаро гирифта мешавад. Дар ҳолати сари вақт дастрас набудани маълумоти тақсимбандишуда, хусусан дар бораи кӯдакони осебпазиртарин, равона намудани қарор ва тадбирҳои сиёсии шахсони қарорқабулкунанда ба он кӯдакон душвор мегардад.

Дар сатҳи зермиллӣ сарчашмаи ҷамъоварии маълумоти аввалия вобаста ба бахшҳо фарқ мекунад: муассисаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар соҳаи тандурустӣ, мактабҳо дар соҳаи маориф, ҷамоатҳо дар самти ҳифзи иҷтимоӣ ва демография маълумот ҷамъоварӣ менамоянд. Дар бештари низомҳо маълумоти бештар гурӯҳбандишуда (аз рӯи деҳаҳо, мактабҳо, муассисаҳои тиббӣ) маълумот дар сатҳи шаҳр/ноҳия дастрас аст. Дар тамоми соҳаҳо мушкилоти зиёдтар асосан дар сатҳи поёнӣ ба вуҷуд меояд. Набудани кормандони омӯзонидашуда бо сабаби сатҳи баланди азкорравии кормандон ва сарбории зиёди кор, ҷамъоварӣ, тафтиш ва интиқоли маълумотро душвор намуда, ба сифати маълумот таъсир мерасонад. Ҳарчанд қариб ҳамаи шаҳрҳо таҷҳизоти компютерӣ доранд, вале бештари системаҳои маълумот ҳанӯз ҳам ба ҳуҷҷатҳои коғазӣ асос ёфтаанд ва пайвастшавӣ ба интернет ба мукаммалсозӣ ниёз дорад.

Бо баландтар намудани нерӯи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳои гуногун дар доираи ҷамъоварӣ ва мубодилаи иттилооти оморӣ мониторинги иҷрои ҲРУ тавассути платформаи миллии ҳисоботдиҳӣ самаранок сурат мегирад. Таъсиси платформа имкон медиҳад, ки ҷамъоварии маълумотҳо ва пешбурди пойгоҳи додаҳо мутобиқи равишҳои байналмилалӣ таъмин гардад. Илова бар ин, чунин платформа барои паҳн кардани маълумот ва истифодаи он аз тарафи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор мусоидат хоҳад кард.

Таҳияи сохтори идоракунии ноилшавии ҲРУ ва равишҳои системавӣ ба масъалаи мониторинги татбиқи ҲРУ-ро таъмин кардан лозим аст, ки имкон медиҳад масъалаҳои татбиқи ҲРУ ба таври систематикӣ ва ҳамаҷониба ҳал карда шаванд.

Бо мақсади такмил додани механизми мониторинги ноил шудан ба ҲРУ ҷиҳати рушди низоми миллии омор як қатор тадбирҳо андешида шуда истоданд: гузариш ба стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ ва омор татбиқ гардида, низоми ҷамъоварӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои ҳисоботи омори давлатӣ, маъмурӣ ва дигар манбаъҳои иттилоот такмил дода мешавад, Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мавриди иҷро карор дорад. Равадхои мазкур боиси афзун гардонидани неруи оморӣ вобаста ба ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон бояд гардад.

## Истифодабарандагони маълумот

Доираи васеи ҷонибҳои манфиатдор вуҷуд дорад, ки аз маълумот дар бораи кӯдакон асосан бо таваҷҷуҳ ба мониторинги ду ҳуҷҷати чорчӯбавӣ -*Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (КҲК) ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ)* истифода мебаранд. КҲК ҳамчун созишномаи аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳатмӣ ҳамаи ҳуқуқҳоеро ифода мекунад, ки ҳукуматҳо бояд барои ҳамаи кӯдакони таҳти юрисдиксияи худ эҳтиром, ҳифз ва иҷро намоянд. ҲРУ даъвати универсалӣ ва маҳдуд ба вақт барои хотима додани камбизоатӣ, ҳифзи сайёра ва таъмин намудани он мебошад, ки ҳамаи одамон то соли 2030 аз сулҳ ва шукуфоӣ баҳраманд шаванд ва ҳеҷ кас бидуни таваҷҷуҳ гузошта нашавад[22]. Раванди истифодаи маълумот аз ҷониби истифодабарандагони

[22] Fulfilling All Rights of Every Child - Linking Child Rights & The SDGs, 2022 (Амалӣ намудани ҳамаи ҳуқуқҳои ҳар кӯдак – пайваст кардани ҳуқуқҳои кӯдак ва ҲРУ, 2022

маълумот дар бораи кӯдакон дар контексти КҲК ва ҲРУ, инчунин нақшҳои онҳо дар поён тавсиф карда шудаанд.

- *Мақомоти ҳамоҳангсоз оид ба ҳуқуқи кӯдак*. Мақоми асосии масъул барои масъалаҳои вобаста ба кӯдакон Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Муовини Сарвазири Тоҷикистон ва бо дастгирии Шуъбаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун котибот амал мекунад. Комиссия мақоми доимӣ, байниидоравӣ ва машваратӣ мебошад. Он бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои мақомоти давлатӣ, ғайридавлатӣ ва созмонҳою мақомоти байналмилалие ташкил карда шудааст, ки ба кор бо кӯдакони дорои ниёз ба чораҳои мушаххаси ҳимоя машғул мебошанд. Ҳайати комиссия аз 16 аъзои доимӣ аз вазорату идораҳои давлатӣ ва чанд ҷониби манфиатдор бо намояндагии муваққатии дигар созмонҳо иборат мебошад.
- *Дар байни вазоратҳои соҳавӣ*, ки бештари онҳо аъзоёни Комиссияи миллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак мебошанд, мақомоти зерин дар истифодаи маълумот нақши махсус доранд:

Раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак мебошад. Мутобиқи қонун Раёсат, аз ҷумла, вазифадор карда шудааст, ки меъёрҳои ҳадди ақали давлатии иҷтимоиро нисбат ба нишондиҳандаҳои ҳаёти кӯдак назорат кунад, ба воситаҳои ахбори омма, ҷомеа ва мақомоти масъул барои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак иттилоот дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак пешниҳод намояд; ва махзани иттилооти ягонаи давлатиро оид ба кӯдакони дорои маъюбият, кӯдакони ятим ва кӯдакони бидуни нигоҳубини волидайн ташкил ва пеш барад[23].

Вазорати рушди иқтисод ва савдо мақоми ваколатдори давлатӣ мебошад, ки барои ҳамоҳангсозии татбиқ ва ҳисоботдиҳӣ оид ба Стратегияи миллии рушд, Барномаи миёнамуҳлати рушд ва ҲРУ масъул мебошад. Он ҳамчунин ба сифати котиботи Шӯрои миллии рушд бо 14 гурӯҳи кории мавзӯъии байниидоравӣ, аз ҷумла гурӯҳи корӣ оид ба мониторинг ва арзёбӣ хидмат мекунад.

- *Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак* мақоми ваколатдор барои таъмини эҳтиром, риоя ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои кӯдак мебошад. Он назорати мунтазами риояи ҳуқуқҳои кӯдакро дар мактабҳо, муассисаҳои нигоҳубини кӯдакон (интернатҳо), муассисаҳои пӯшида ва ғайра анҷом медиҳад. Он ҳамчунин ҳар сол дар бораи мониторинги вазъият ва вайронкунии ҳуқуқҳои кӯдакон ҳисобот таҳия менамояд.
- *Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ* (СҶШ) дар татбиқи чорабиниҳо барои кӯдакон ва ҳисоботдиҳӣ дар бораи татбиқи КҲК иштирок мекунанд[24] ва протоколҳои иловагии он аз ҷумлаи истифодабарандагони асосии маълумот дар бораи кӯдакон мебошанд. Тавассути ҳисоботи алтернативии худ, СҶШ мушкилотеро таъкид менамоянд, ки кӯдакони осебпазир, аз ҷумла кӯдакони маъюб, кӯдакони дар мухолифат бо қонун қарордошта, кӯдакони оилаҳои аз ҷониби муҳоҷирон таркшуда, кӯдакони бепарастор, кӯдакони гурезаҳо ва ғайра бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд.

[23] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак”, 2015

[24] Alternative Report of to the CRC (Ҳисоботи алтернативӣ ба КҲК). https://notorturetj.org/sites/default/files/articles/2018/files/alternative_report_of_the_ngos_on_the_implementation_of_the_convention_on_the_rights_of_the_child_by_the_republic_of_tajikistan.pdf

- *Парламент - кумитаҳои гуногуни парламент*, ба монанди Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон ва Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва тандурустӣ метавонанд дар тақвияти ҳисоботдиҳӣ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак дар кишвар хизмат кунанд. Бо вуҷуди ин, онҳо ҳанӯз дар мониторинги ҳуқуқи кӯдак иштирок намекунанд (ва ба назар чунин мерасад, ки онҳо равиши ба ҳуқуқ асосёфтаро татбиқ намекунанд).
- *Ҷомеаи байналмилалӣ*. Идораҳои СММ, донорҳо ва муассисаҳои байналмилалии молиявӣ, ки дар татбиқи ҲРУ саҳм мегузоранд.

Агентии омор таҳқиқоти ниёзҳои истифодабарандагони маълумотро ҳамчун яке аз воситаҳои арзёбии сифати маълумот мегузаронад. Таҳқиқоти охирини истифодабарандагон нишон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна истифодабарандагон бештар аз методология, саривақтӣ будан, дақиқӣ, эътимоднокии маълумоти оморӣ қаноатманд мебошанд. Истифодабарандагон омори расмиро асосан аз нашрияҳои расмии Агентии омор, сомонаи Агентии омор (90%), нашрияҳо/ вебсайтҳои созмонҳои байналмилалӣ (21%) ва пахшҳои матбуотии (пресс-релиз) расмӣ/вебсайти Бонки миллӣ (17%) ба даст меоранд. Омори расмӣ барои маълумоти умумии иқтисодӣ, инчунин ҷиҳати таҳлили тамоюлҳо барои таҳияи стратегияи дарозмуддат ва таҳлил бо мақсади қабул кардани қарори кӯтоҳмуддат, инчунин барои гузаронидани таҳқиқот истифода мешавад. Бештар аз 70% посухдиҳандагон бар ин назаранд, ки иттилоот ба осонӣ дастрас аст ва 70% аз зудӣ ва саривақтии интишори омори расмӣ қаноатманд мебошанд.

Истифодабарандагони маълумоти вобаста ба кӯдакон маъмулан тавассути нашрияҳои вуҷуддошта ё асосан тавассути дархостҳои махсус ба иттилоот дастрасӣ пайдо мекунанд. Мавҷудияти дастрасии таҷдидшуда ва роҳат барои истифодабарандагон ба маълумот ва иттилооти гурӯҳбандишуда ва босифат дар бораи кӯдакон душвор боқӣ мемонад. Диққати аввалиндараҷа ба мавҷудияти маълумот дар бораи гурӯҳҳои мушаххаси осебпазири кӯдакон, ба монанди кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим ва кӯдаконе, ки дар нигоҳубини алтернативӣ қарор доранд, дода мешавад. Бо вуҷуди ин, аксари вақтҳо истифодабарандагон маълумоти ҷамъбастиро коркард мекунанд ва таҳлили ба адолат нигаронидашуда ба таври мунтазам гузаронида намешавад. Дар ҳоле ки дар сатҳи ноҳия маълумотҳои зиёд ҷамъоварӣ карда мешаванд, барои ҳукуматҳои маҳаллӣ, созмонҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳо ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати банақшагирӣ ва мониторинги татбиқи чорабиниҳо ва арзёбии аҳамият ва самарабахшии онҳо механизмҳои стандартии мубодила ва истифодаи маълумот дар дохили бахшҳо ва байни бахшҳо вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, дар кишвар фарҳанги қабул кардани қарорҳо бар асоси далелҳо афзоиш ёфта истодааст.

## Силсилаи тадқиқоту пурсишҳо чун манбаъи маълумот

Таҳқиқотҳо иттилоотеро пешниҳод мекунанд, ки тавассути маълумоти маъмурӣ ҷамъоварӣ кардани онҳо душвор аст. Хароҷоти баланд ва гоҳ-гоҳ гузаронидани таҳқиқотҳо мушкилии асосии мониторинги мунтазами нишондиҳандаҳои ҲРУ ва вазъияти кӯдакон мебошад. Бо тағйирпазирии баланди вазъият дар ноҳияҳои гуногун, ҳеҷ кадоме аз таҳқиқотҳо ба сабаби хароҷоти зиёд дар сатҳи ноҳия маълумот пешниҳод намекунанд.

| Таҳқиқот / таҳиякунанда | Давра | Ҳадафи асосӣ |
|---|---|---|
| **Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил (аз ҷониби агентии омор бо дастгирии идора-ҳои гуногун)[25]** | 2020<br>2010<br>2000 | *Ҳадафҳои асосӣ*: пешниҳод намудани доираи васеи маълумот дар бораи аҳолӣ ва манзил<br>*Мавзӯъҳои асосӣ:* ҷои истиқомати доимӣ, ҷуғрофия ва муҳоҷират; демография, хонавода ва оила; иқтисод; маориф; таркиби қавмӣ; маъюбӣ; манзил.<br>*Аҳолии мавриди ҳадаф*: тамоми аҳолӣ |
| **Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ[26]**<br>**(аз ҷониби агентии омор ва бо дастгирии ЮСАИД, Хазинаи нуфуси СММ ва ЮНИСЕФ)** | 2023<br>2017<br>2012 | *Ҳадафҳои асосӣ:* ҷамъоварӣ намудани маълумоти навтарин ва боэътимод оид ба аҳолӣ ва масъалаҳои тандурустӣ дар саросари кишвар; пешниҳод намудани иттилооти таҷдидшуда оид ба таваллуд ва истифодаи методҳои пешгирии ҳомиладорӣ, саломатии модару кӯдак, фавти кӯдак, зӯроварӣ дар оила нисбат ба занон, масъалаҳои саломатии калонсолон, дониш ва рафтор дар робита ба сироятӣ Вируси норасоии масунияти одам (ВНМО)/ Беморӣи пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) ва дигар сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда.<br>*Мавзӯъҳои асосӣ*: саломатии модару кӯдак, ғизохӯрӣ, таваллуд, фавти кӯдакон, пешгирии ҳомиладорӣ, зӯроварӣ дар оила нисбат ба занон, интизоми кӯдакон, огоҳӣ ва рафтор дар бораи ВНМО/БПНМ, сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва дигар масъалаҳои вобаста ба саломатӣ.<br>*Аҳолии мавриди ҳадаф*: аъзоёни хонавода, занони синну соли репродуктивӣ. |
| **Таҳқиқотҳои кластерӣ бо нишондиҳандаҳои бисёр[27]**<br>**(аз ҷониби Агентии омор бо дастгирии ЮНИСЕФ)** | 2005<br>2000 | *Ҳадафи асосӣ*: пешниҳод намудани иттилооти боэътимод ва таҷдидшуда барои арзёбии вазъияти кӯдакон ва занон, инчунин муайян кардани нобаробариҳо; муқаррар намудани ҳолатҳои ибтидоии нишондиҳандаҳои вобаста ба кӯдакон барои мониторинги татбиқи ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда ва сиёсатҳои соҳавии миллӣ.<br>*Мавзӯъҳои асосӣ*: саломатии модару кӯдак; эмгузаронӣ; табобати кӯдакон бо антибиотикҳо; пневмонияи гумонбаршуда; вараҷа; пешгирии ҳомиладорӣ, дониш дар бораи ВНМО/ БПНМ, интиқоли сироят ва истифодаи рифола; таъмини об, санитария ва гигиена, ғизохӯрии кӯдакон ва занон, аз ҷумла синамаконӣ ва йоддоркунии намак; бақайдгирии таваллуд; таҳсил дар мактаби ибтидоӣ; издивоҷи барвақт.<br>*Аҳолии мавриди ҳадаф*: занон; кӯдакони <5 сола |

[25] https://www.stat.tj/barujhatgirii-aholi-2020/

[26] DHS 2017 (Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ дар соли 2017 https://dhsprogram.com/pubs/pdf/ATR18/ATR18.pdf

[27] Multiple Indicator Cluster Surveys (MICS -2000-2005) (Таҳқиқоти кластерӣ бо нишондиҳандаҳои бисёр (ТКНБ -2000-2005)// https://www.rhsupplies.org/uploads/tx_rhscpublications/DOC137.pdf

| | | |
|---|---|---|
| **Таҳқиқоти миллии ғизохӯрӣ[28]**<br><br>**(аз ҷониби ВТҲИА ҶТ бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ ва ЮНИСЕФ** | 2024<br>2016<br>2009 | *Ҳадафҳои асосӣ:* ҷамъоварӣ намудани маълумоти боэътимод ва огоҳ кардани сиёсатмадорон ва тасмимгирандагон оид ба пешрафт дар самти мубориза бо камғизоӣ ва беҳтар кардани нигоҳубин ва рушди барвақти кӯдакон дар Тоҷикистон, то ки тадбирҳои оянда тавре таҳия карда шаванд, ки имкониятҳои баробарро барои ҳамаи кӯдакон ҷиҳати амалисозии иқтидори пурраи онҳо таъмин намоянд.<br><br>*Мавзӯъҳои асосӣ*: вазъи ғизохӯрӣ ва одатҳои ғизоии занон; вазъи ғизохӯрии кӯдакон, аз ҷумла қадпастӣ, лоғарӣ ва камвазнӣ); синамаконӣ ва ғизодиҳии кӯдакони то 2 сола; саломатии кӯдак ва нигоҳубини кӯдак; йоддоркунии намак; вазъи ғизохӯрӣ ва микроэлементҳо дар занон; вазъи ғизохӯрӣ ва микроэлементҳо дар кӯдакон.<br><br>*Аҳолии мавриди ҳадаф*: кӯдакони аз 6 то 59 моҳа; занони синну соли репродуктивӣ. |
| **Бехатарии озуқавор采 хонавода ва маълумоти таҷдидшуда дар бораи бозор[29]**<br><br>**(аз ҷониби Барномаи Озуқаворӣи Ҷаҳонӣ)** | Ҳар семоҳа арзёбии бехатарии озуқаворӣ | *Ҳадафи асосӣ:* муқаррар кардани параметрҳо ба монанди шиддат, миқёс ва умқи бехатарии озуқаворӣ дар байни гурӯҳи муайяни аҳолӣ дар вақти муайян; гузаронидани таҳлили амиқ дар бораи бехатарии озуқаворӣ ва одамони осебпазир ва воситаҳои рӯзгузаронии онҳо; барои муайян кардани ҷанбаҳои осебпазирӣ, ки дар оянда мумкин аст кӯмак лозим гардад ва мавриди ҳадаф қарор дода шаванд.<br><br>*Мавзӯъҳои асосӣ*: хонаводаҳо дар категорияҳои гуногуни бехатарии озуқаворӣ ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ; стратегияҳои мубориза бар асоси воситаҳои рӯзгузаронӣ; тағйирёбии даромад; манбаъҳои асосии даромад; нархи миёнаи моҳонаи гӯшт ва маводи сузишворӣ; тамоюли миёнаи моҳонаи нархи сабади истеъмолии хонавода.<br><br>*Аҳолии мавриди ҳадаф*: хонаводаҳо. |
| **Таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо (аз ҷониби Агентии омор бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки ҷаҳонӣ )[30]** | Ҳар семоҳа<br><br>(аз соли 2009; дар соли 2020 такмил дода шудааст) | *Ҳадафи асосӣ:* муайян кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва пеш аз ҳама вазъи молиявии онҳо. Таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо (ТБХ) ҳамчун манбаъи асосии ҳисоби сатҳи камбизоатӣ, аз ҷумла камбизоатии кӯдакон хизмат мекунад. Он метавонад барои ҳисоб кардани ҳадди ақали рӯзгузаронӣ ва даромад ба ҳар сари аҳолӣ сарчашмаи маълумот бошад, ки на ҳамеша дар Тоҷикистон гузориш дода мешавад.<br><br>*Мавзӯъҳои асосӣ*: истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ, хароҷоти ғайриғизоӣ, манзил ва молҳо барои истифодаи дарозмуддат, таъмини об, санитария ва гигиена, даромаде, ки ба музди меҳнат алоқаманд намебошад (дар сатҳи хонавода); дастрасӣ ба таҳсилот ва хароҷот, дастрасӣ ба хидматрасониҳои |

[28] https://www.unicef.org/tajikistan/media/491/file/National%20Nutrition%20Survey%20in%20Tajikistan%202016%20.pdf

[29] WFP Quarterly Survey on Household Food Security and Market Update (Таҳқиқоти семоҳаи БОҶ оид ба бехатарии озуқаворӣи хонаводаҳо ва маълумоти таҷдидшуда дар бораи бозор): https://docs.wfp.org/api/documents/WFP-0000141661/download/

[30] https://www.stat.tj/wp-content/uploads/2024/05/hisoboti-asosii-natijahoi-tahkikoti-modulii-tbh-17.05.2024-ok-tojiki.pdf

| | | |
|---|---|---|
| | | тандурустӣ ва хароҷот, шуғл, муҳоҷират (дар сатҳи инфиродӣ).<br>Дар соли 2020 методологияи ТБХ ба ҷамъоварии электронии маълумот бо саволномаи васеъ гузашт.<br>*Аҳолии мавриди ҳадаф*: хонаводаҳо. |
| **Таҳқиқоти "Гӯш додан ба Тоҷикистон"[31]**<br>**(аз ҷониби ширкати миллии таҳқиқотӣ бо дастгирии Бонки ҷаҳонӣ)[32]** | Ҳар моҳ аз соли 2015 | *Ҳадафи асосӣ:* фаҳмидани шиддати зарбаҳо ба хонаводаҳо ва назорат кардани некӯаҳволии онҳо бо мурури замон; таҳияи ҳисоботи фаврӣ, то ки иттилооти мунтазам барои дастгирии амалҳои ҳукумат ва чораҳои кӯмаки иҷтимоӣ дастрас бошад.<br>*Мавзӯъҳои асосӣ:* некӯаҳволӣ ва шароити иқтисодии оилаҳо, муҳоҷират ва интиқоли маблағҳо, ҷойҳои корӣ ва даромад, маҳрумиятҳо ва некӯаҳволии субъективӣ, инчунин хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар хизматрасониҳо.<br>*Аҳолии мавриди ҳадаф*: хонавода (пурсиш тариқи телефон). |
| **Таҳқиқоти қувваи корӣ**<br>**(аз ҷониби Агентии омор бо дастгирии Бонки ҷаҳонӣ)[33]** | 2024<br>2016<br>2009<br>2004 | *Ҳадафи асосӣ:* таҳияи маълумоти омории расмии миллӣ оид ба қувваи корӣ, шуғл ва бекорӣ бо мақсадҳои мониторинг ва банақшагирӣ.<br>*Мавзӯъҳои асосӣ:* шуғл, бекорӣ, аз ҷумла дар байни ҷавонон ва истифодаи нашудани қувваи кории онҳо, ҷавононе, ки берун аз таҳсил, шуғл ва омӯзиш қарор доранд; фаъолияти меҳнатӣ, шумораи шахсони бекор, муҳоҷират, меҳнати кӯдакон (12-17-сола), масъалаи гендер дар бозори меҳнат, кори бемузди таҷрибаомӯзон ва шахсоне, ки аз омӯзишҳои касбӣ мегузаранд, фаъолиятҳои волонтёрӣ.<br>*Аҳолии мавриди ҳадаф*: аҳолии синни 12-75 сола. |
| **Таҳқиқоти маҷмуии вазъи шахсони дорои**<br>**имкониятҳои маҳдуд (аз ҷониби Агентии омор)[34]** | 2023 | *Ҳадафи асосӣ:* таҳияи маълумоти омории расмии миллӣ оид ба вазъи шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд.<br>*Мавзӯъҳои асосӣ:* Сохтори синнусолии аҳолӣ ва сатҳи таҳсилот; андозаи ҳаҷми умумии майдони истиқомат; таъминоти манзил бо - об, воситаҳои санитария ва беҳдошт, кувваи барк, таҷҳизоти рузгор; истифодаи технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ; дстраси ба нақлиет ва дигар хизматрасониҳо<br>*Аҳолии мавриди ҳадаф*: хонаводҳо. |

[31] https://www.worldbank.org/en/country/tajikistan/brief/listening2tajikistan

[32] https://www.vsemirnyjbank.org/ru/country/tajikistan/brief/listening2tajikistan

[33] https://www.stat.tj/wp-content/uploads/2024/08/tkk-2016-tojiki.pdf

[34] https://www.stat.tj/wp-content/uploads/2024/07/natijai-tadkikoti-majmuii-vazi-shahsoni-mayub-va-doroi-imkoniyathoi-mahdud-18.12.2023.pdf

# 6. Механизмҳои ҷамъоварии маълумот ва беҳтар намудани омори кӯдакон

Дар Тоҷикистон системаи мутамаркази ҳамоҳангшудаи омори расмӣ вуҷуд дорад, ки дар он Агентии омор ҳамчун мақоми марказии омор бо таҳияи (тақсимоти) муштараки маълумоти оморӣ ва паҳнкунии онҳо бо вазоратҳои соҳавӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон фаъолият мекунад[25]. Дар ҳуҷҷати мазкур маълумоти маъмурӣ ба ҳамаи иттилооте дахл дорад, ки ҳам аз ҷониби аъзоёни низоми омор (ба монанди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВТҲИА), Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМИ), Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВКД) ва дигар вазоратҳои соҳавӣ ва зерсохторҳои онҳо мунтазам ҷамъоварӣ ва сабт карда мешаванд.

Маълумоти маъмурӣ дар пешниҳод намудани маълумоти саривақтӣ ва бештар гурӯҳбандишуда барои қабул кардани қарорҳои фаврӣ ва банақшагирии равандҳо дар бахши мушаххас ва дар байни бахшҳо бартарии асосӣ дорад. Маълумоти маъмурӣ ҷиҳати беҳтар кардани натиҷаҳо барои кӯдакон иқтидори (потенсиали) иловагии бузург ҳисобида мешавад.

## Демография

Омори демографӣ дар бораи шумораи аҳолӣ (аз рӯи ҷинс, синну сол ва минтақа), ҳаракати табиӣ (таваллуд, фавт, ақди никоҳ, талоқ) ва муҳоҷирати аҳолӣ (шумораи шахсони омада ва рафта дар натиҷаи муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ) маълумот пешниҳод менамояд. Маълумоти демографӣ барои андозагирӣ кардани қариб ҳамаи нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон муҳим аст. Иттилоот дар бораи хусусияти демографии Тоҷикистон тавассути доменҳо ва платформаҳои гуногуни боз дар сатҳҳои миллӣ ва зермиллӣ ҳам ҷамъоварӣ ва ҳам гурӯҳбандӣ карда мешавад: аз рӯи ҷинс, гурӯҳҳои синну солӣ, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, таваллуд, фавт, никоҳ, талоқ, муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷии аҳолӣ. Аз замони ба даст овардани истиқлолият, Тоҷикистон се даври барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзилро гузаронидааст. Дар давраи байни барӯйхатгириҳо шумораи аҳолӣ аз ҷониби Агентии омор ҳар сол аз рӯи таваллуд, фавт ва муҳоҷират бар асоси мониторинги демографии доимӣ тавассути системаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва баҳисобгирии ҳаракати табиии аҳолӣ ҳисоб карда мешавад.

Ҳар сол шумораи аҳолӣ аз рӯи ҷинс ва синну сол танҳо дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ҳисоб карда мешавад.

Маълумоти демографӣ дар кишвар аз манбаъҳои зерин ба даст оварда мешавад:

- *Низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вазорати адлияи Тоҷикистон*[35] таваллуд, фавт, ақди никоҳ ва талоқро ба қайд мегирад. Он ҳамчун манбаъ барои дарёфт ва тасдиқи маълумот истифода мешавад. Вазорати адлия (ВА ҶТ) мақоми ваколатдоре мебошад, ки фаъолиятҳои мақомоти маҳаллӣ оид

[35] Civil Registry System Reform in Tajikistan Phase 1 and Phase II _UNDP (Ислоҳоти низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, Марҳилаи 1 ва Марҳилаи 2 _Барномаи рушди СММ) https://info.undp.org/docs/pdc/Documents/TJK/Project%20Document%20Civil%20Registry,%20Phase%20II.pdf

ба сабти ҳамаи асноди ҳолати шаҳрвандиро роҳбарӣ мекунад[36]. Аз моҳи апрели соли 2019 дар ҳамаи идораҳо ва шуъбаҳои мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бақайдгирӣ ба таври электронӣ анҷом дода мешавад.

- *Ҷамоатҳо* миқдори зиёди маълумоти демографӣ (аз ҷумла сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва омори ҳаракати табиии аҳолӣ) ва маълумоти вобаста ба хонаводаҳоро дар китобҳои ҷамоатҳо асосан дар минтақаҳои деҳот ҷамъоварӣ мекунанд. Барои дастгирӣ намудани ташаббуси мазкур, шарикони рушд, аз ҷумла ЮНИСЕФ, ба ҳамаи ҷамоатҳои кишвар таҷҳизоти техникиро бо омӯзиши дахлдор пешниҳод намуданд. То имрӯз ҳамаи китобҳои ҷамоатҳо рақамӣ карда шудаанд, дар ҳоле ки корҳо оид ба беҳтар намудани пайвастагии доимии онҳо ба системаи марказии Агентии омор идома доранд. Барои эҷод намудани феҳристи пурраи аҳолӣ дар Агентии омор то ҳол маълумот аз минтақаҳои шаҳри кишвар ба пуррагӣ вуҷуд надорад.
- *Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббии* ВТҲИА маълумот дар бораи таваллуд ва фавти аҳолиро ба қайд гирифта, ҳамчун манбаъи дигари тафтиши иттилоот дар бораи ҳаракати табиии аҳолӣ хидмат мекунад. Маълумот дар бораи таваллуд бар асоси шаҳодатномаи тиббии таваллуд ба қайд гирифта мешавад.
- *Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон* (ВКД) аз низоми рақамии дохилӣ истифода мебарад, ки дар он маълумот дар бораи шахсоне ба қайд гирифта мешавад, ки шиносномаҳои миллӣ ва байналмилалӣ мегиранд. Он ҳамчун манбаъи ба даст овардани маълумот оид ба муҳоҷират хизмат мекунад. Системаи мазкур то ҳол бо системаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва омори ҳаракати табиии аҳолӣ пайваст карда нашудааст.

Дар раванди амалишавии Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар назар аст, ки силсилаи таҳқиқотҳо дар доираи мониторинги индикаторҳои демографӣ (бо инъикоси вазъи занону кӯдакон, маъюбон ва дигар гурӯҳҳои осебпазир) ва арзёбии сатҳу дараҷаи пешрафт дар ҳалли вазифаҳои ҲРУ ва СМР баргузор мегарданд (банди 213 СМРО).

## Камбизоатии кӯдакон

Яке аз ҳадафҳои асосии ҲРУ-2030 дар Тоҷикистон аз байн бурдани камбизоатии мутлақ ва ду баробар паст кардани сатҳи камбизоатӣ (15% то соли 2030)[37] ва коҳиш додани камбизоатии кӯдакон (18% то соли 2025) мебошад[38]. Силсилаи Стратегияҳои рушди кишвар, аз ҷумла Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ҲРУ ва афзалиятҳои ҳифзи иҷтимоиро барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҲРУ инъикос мекунад. Стратегия аз равиши гардишии ҳаёт истифода мекунад ва дар он осебпазириҳо ва мудохилаҳо вобаста ба кӯдакон ба таври равшану возеҳ инъикос карда шудаанд.

[36] Қонуни ҶТ "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ" (аз 29 апрели соли 2006, № 188): http://mmk.tj/content/_

[37] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

[38] Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Нақшаи чорабиниҳо

## Маҷмӯи нишондиҳандаҳои ҲРУ барои мониторингу арзёбии самтгирии стратегии фаъолият дар доираи бахши «Камбизоатии кӯдакон» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон | Идораи масъул доир ба маълумот | Сарчашмаи маълумот | Вазифагузорӣ дар доираи ҲРУ | Вобастагӣ бо ҳуҷҷати стратегии кишвар |
|---|---|---|---|---|
| 1.1.1 Кӯдаконе, ки дар зери хати камбизоатии байналмилалӣ зиндагӣ мекунанд | Агентии омор | Таҳқиқоти буҷети хонавода | То соли 2030 бартараф намудани камбизоатии шадид барои ҳама одамон дар ҳама ҷойҳо | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| 1.2.1 Кӯдаконе, ки дар зери хати камбизоатии миллӣ зиндагӣ мекунанд | Агентии омор | Таҳқиқоти буҷети хонавода | То соли 2030 ҳиссаи мардон, занон ва **кӯдакони** тамоми синну солҳои камбизоатиро тибқи таърифҳои миллӣ ҳадди ақал нисф бояд кам карда шавад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| 1.2.2 Кӯдаконе, ки дар камбизоатӣ дар тамоми ченакҳои он мутобиқи Шохиси ҷаҳонии камбизоа-тии бисёрҷониба (MPI) зиндагӣ мекунанд (%) | Агентии омор | Зарурат ба ҷамъоварии устувори маълумот ва таҳияи методология ҷой дорад | | Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 |
| 1.3.1 Ҳиссаи кӯдаконе, ки бо системаҳои ҳифзи иҷтимоӣ фаро гирифта шудаанд | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Зарурат ба ҷамъоварии устувор ва ҳамаҷонибаи маълумот ҷой дорад | Ҷорӣ намудани барномаҳо ва чораҳои ҳифзи иҷтимоии кишвар барои ҳама, аз ҷумла паст кардани нархҳо ва то соли 2030 расонидани кӯмаки назаррас ба табақаҳои камбизоат ва осебпазир | Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 |
| (1.5.1 ва 11.5.1) Шумораи кудакони фавтида, гумшуда ва шахсони бевосита зарардида ба ҳар 100,000 аҳолӣ (то 18 сола), ки ба офатҳо мансубанд | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда Агентии омор | Зарурат дар ташаккули базаи устувори маълумот ҷой дорад | То соли 2030 устувории камбизоатон ва нафарони гирифтори ҳолатҳои осебпазир тақвият дода шуда таъсири офатҳои табиӣ вобаста ба иқлим бо таъсироти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва табиӣ бояд коҳиш ёбад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040<br>Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст намудани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.a.2 Таносуби хароҷоти умумии Ҳукумат барои хадамоти муҳим (маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ) | Вазорати молия | Зарурат ба ҷамъоварии устувори маълумот ҷой дорад | Таъмини сафарбаркунии назарраси манбаъҳо аз захираҳои гуногун, аз ҷумла тавассути ҳамкорӣи густаришёфтаи рушд, бо мақсади фаро-ҳам овардани воситаҳои муносиб ва пешгӯишаванда барои татбиқи барномаҳо ва сиёсатҳо оиди хотима додани камбизоатӣ дар ҳама самтҳо | Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 |
| 1.b.1 Ҳиссаи хароҷотҳои ҷорӣ ва сармоявии давлатӣ дар бахшҳои бештар ба занон, камбизоатон ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ фоидаовар | Вазорати молия | Зарурат ба ҷамъоварии устувори маълумот ҷой дорад | Эҷоди заминаи мустаҳками меъёрӣ дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, ки ба стратегияҳои коҳиши камбизоатӣ ва баробарии гендерӣ барои дастгирии сармоягузории босуръат дар талошҳои бартарафсозии камбизоатӣ асос ёфтааст | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |

Манбаъҳои асосии маълумот дар бахши ҳифзи иҷтимоӣ мавридҳои зеринро дар бар мегиранд:

- *Феҳристи миллии ҳифзи иҷтимоӣ* – системаи ягонаи мутамарказии электронии идоракунии иттилоот ва махзани иттилоот мебошад, ки аз ҷониби Ҳукумат дар аввал бо дастгирии молиявии Иттиҳодияи Аврупо ва баъдан Бонки ҷаҳонӣ[39] дар доираи *Барномаи кӯмаки унвонии иҷтимоӣ* таҳия карда шудааст. Кӯмаки унвонии иҷтимоӣ барномаи кӯмаки нақдии ҳукумат мебошад, ки барои расонидани кӯмаки пулӣ ба хонаводаҳои дар зери хати камбизоатӣ зиндагикунанда пешбинӣ шудааст. Аз замони ташкил намудани он, кӯмаки унвонии иҷтимоӣ тадриҷан пардохтҳои ҷубронпулиро иваз мекунад ва он дар соли 2020 пурра дар ҳамаи 68 ноҳия роҳандозӣ карда шудааст. Системаи идоракунии иттилоот барои баҳисобгирии гирандагони кӯмаки унвонии иҷтимоӣ омода карда шудааст. Ҷамъоварӣ ва бақайдгирии маълумот дар сатҳи ҷамоат оғоз мешавад. Маълумот дар бораи кумакгирандагон (бенефитсиар) дар сатҳи ноҳия ба система ворид карда шуда, дар сатҳи миллӣ ҷамъоварӣ карда

[39] Tajikistan-Social-Safety-Net-Strengthening-Project (Тоҷикистон-Иҷтимоӣ-Бехатарӣ-Шабака-Тақвият-Лоиҳа).pdf https://documents1.worldbank.org/curated/en/826491612375004947/pdf

мешавад. Кумакгирандагони мувофиқ давоми як сол чор кумаки пулӣ ба даст меоранд, яъне ҳар семоҳ як пардохт. Пас аз як сол, онҳо бояд дубора барои гирифтани кӯмаки унвонии иҷтимоӣ дархост пешниҳод намоянд. Илова ба махзани иттилоот дар бораи кумакгирандагони кӯмаки унвонии иҷтимоӣ, система дорои модули махсусе мебошад, ки маълумот дар бораи шахсони маъюб, гирандагони пардохтҳои фавқулодда (дар давраи COVID-19) доро мебошад. Система метавонад маълумоти муфассали гурӯҳбандишударо дар бораи шумораи занони сарвари хонаводаҳо, кӯдакони ятим, гурӯҳҳои синну солӣ, шумораи кӯдакон дар хонавода ва ғайра таҳия намояд. Система дорои имконият барои дохил кардани маълумот ва таҳияи модулҳо оид ба дигар намудҳои осебпазириҳо мебошад.

- *Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон* (АСИН) маълумотро оид ба барномаҳои суғуртаи иҷтимоӣ (ҳиссагузорӣ), инчунин нафақаи маъюбӣ ва пардохтҳои нафақаи иҷтимоӣ (ғайриҳиссагузорӣ) дар махзани иттилооти он таҳия ва ба қайд мегирад. Махзани иттилоот дар бораи гирандагони нафақаи пиронсолӣ, нафақаи маъюбӣ, нафақаи суғуртавӣ ва кӯдаконе, ки ба сабаби маҳрум шудан аз саробон нафақа мегиранд, маълумоти муфассалро дар бар мегирад. Бо мақсади ҳисоб кардани маблағи умумии пардохтҳои иҷтимоӣ, АСИН маълумотро дар бораи гирандагон ва маблағи пардохтҳои вобаста ба кӯмакпулӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, кӯмакпулии рухсатии беморӣ, кӯмакпулӣ барои оила, кӯмакпулӣ оид ба бекорӣ ҷамъоварӣ мекунад. Бо вуҷуди ин, сатҳи гурӯҳбандии маълумот бо шумораи умумии аҳолии мавриди ҳадаф ва маблағ дар сатҳи ноҳия маҳдуд аст. Махзани иттилооти АСИН ҳанӯз рақамисозӣ карда нашудааст ва аз системаи коғазии ворид намудани маълумот истифода мебарад.

### Самтгирии фаъолият барои таъмини дастрасӣ ва сифати маълумот дар доираи бахши «Камбизоатии кӯдакон» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | 1.2.1 ; 1.2.2 |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Ташаккули системаи доимии миллии мониторинги камбизоатии кӯдакон |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Истифодаи Таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо (ТБХ) барои таҳияи маълумоти омории доимии гурӯҳ-бандишуда ва маҳсулоти таҳлилӣ ҷиҳати мониторинги камбизоатии пулии кӯдакон (детская монетарная бедность).<br>Омӯхтани имкониятҳои ТБХ, Таҳқиқоти “Гӯш додан ба Тоҷикистон” ва ТТД барои гузаронидани таҳлили дуюмдараҷа ва таҳияи методологияи миллии мониторинги камбизоатии бисёрҷони-баи кӯдакон ва ҳисоби ин нишондиҳанда барои Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| **Масъул** | Агентии омор, Вазорати рушди иқтисод ва савдо (ВРИС) |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ, БҶ |
| **Зарурат** | Баланд *** |
| **Масрафи захирахо** | Миёна *** |

## Саломатӣ ва истеъмоли ғизо

Силсилаи Стратегияҳои рушди кишвар, аз ҷумла Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030[40] самтҳои афзалиятдор, ҳадафҳо ва вазифаҳои соҳаи тандурустии кишварро бо таваҷҷуҳ ба ҲРУ муайян мекунад.

### Маҷмӯи нишондиҳандаҳои ҲРУ барои мониторинги самтгирии стратегии фаъолият дар доираи бахши «Саломатӣ ва истеъмоли ғизо» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Нишондиҳанда-ҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон | Идораи масъул доир ба маълумот | Сарчашмаи маълумот | Вазифагузорӣ дар доираи ҲРУ | Вобастагӣ бо ҳуҷҷати стратегии кишвар |
|---|---|---|---|---|
| 2.2.1 Паҳншавии қадпастӣ дар байни кӯдакони то 5 сола | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ/ Агентии омор | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, 2023 | То соли 2030 ба ҳама шаклҳои камғизоӣ бояд хотима дода шавад, аз он ҷумла то соли 2025, ба ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда оид ба қадпастӣ ва лоғарии кӯдакони то 5-сола бояд расем ва ниёзҳои ғизоии духтарони наврас, занони ҳомила ва ширдор ва пиронсолонро ҳал бояд шавад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| 2.2.2 Паҳншавии вазни зиёд ва лоғарӣ дар байни кӯдакони то 5-сола | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ/ Агентии омор | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, 2023 | | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| 2.2.3 Паҳншавии камхунӣ дар байни занони аз 15 то 49 сола, аз рӯи ҳолати ҳомиладорӣ (фоиз) | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ/ Агентии омор | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, 2023 | | |
| 3.1.1 Коэффисиенти фавти модарон (фавт ба 100 000 таваллуди зинда) | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ/ Агентии омор | Зарурат ба ҷамъоварии иловагии маълумот ҷой дорад | То соли 2030 коэффитсиенти фавти модарон дар саросари ҷаҳон то камтар аз 70 ба 100,000 таваллуди нав бояд коҳиш дода шавад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| 3.1.2 Ҳиссаи таваллудҳое, ки бо иштироки кормандони боихтисоси соҳаи тиб сурат гирифтааст | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ/ Агентии омор | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, 2023 | | |

[40] Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030/https://moh.tj/ru/natsionalnye- strategii/

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3.2.1 Сатҳи фавти кӯдакони то 5-сола (фавт ба 1000 таваллуди зинда) | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии<br>аҳолӣ/ Агентии омор | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, 2023 | То соли 2030 ба фавти пешгиришавандаи кӯдакони навзод ва кӯдакони то 5-сола бояд хотима дода шавад, фавти навзодонро ҳадди аққал то 12 ба 1000 таваллуди зинда ва фавти кӯдакони то 5 сола то ҳадди аққал то 25 ба 1000 зиндагӣ бояд паст шавад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| 3.2.2 Сатҳи фавти навзодон (фавт ба 1000 таваллуди зинда) | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии<br>аҳолӣ/ Агентии омор | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, 2023 | | |
| 3.3.1 Сироятҳои нави ВНМО ба 1000 аҳолии сироятнашуда | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ/ Агентии омор | Зарурат ба ҷамъоварии устувор ва ҳамаҷонибаи маълумот дар асоси СИИТ ва тадқиқотҳо ҷой дорад | То соли 2030 ба эпидемияҳои ВНМО, сил, вараҷа ва бемориҳои сарфи назаршудаи тропикӣ хотима дода шуда, бо гепатит, бемориҳои тавассути об гузаранда ва дигар бемориҳои гузаранда бояд мубориза бурда шавад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| 3.3.2 Сатҳи бемории сил ба 100 000 аҳолӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ/ Агентии омор | Зарурат дар ташаккули базаи устувори маълумот ҷой дорад | | |
| 3.6.1 Сатҳи фавт аз ҷароҳатҳои садамаи нақлиёт | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Зарурат дар ташаккули базаи устувори маълумот ҷой дорад | Шумораи фавтҳо ва ҷароҳатҳо аз садамаҳои нақлиётӣ ду маротиба бояд кам карда шавад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| 3.7.2. Сатҳи тавал-луди наврасон (10-14 сола; 15-19 сола) ба 1000 зан дар ин гурӯҳи синну сол | Агентии омор/ Раёсати асноди ҳолати шаҳрвандии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, 2023 | То соли 2030, дастрасии ҳамаҷониба ба хидматрасонии тиббии ҷинсӣ ва репродуктивӣ, аз ҷумла барои банақшагирии оила, маълумот ва таълим ва ҳамгироии солимии репродуктивиро ба стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ бояд таъмин карда шавад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| 3.8.1 Фарогирӣ бо хидматрасониҳо и асосии тиббӣ (нигоҳубини давраи пеш аз таваллуд) | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ/ Агентии омор | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, 2023 | Ноил шудан ба фарогирии умумиҷаҳонии тандурустӣ, аз ҷумла ҳифзи хатари молиявӣ, дастрасӣ ба хидматрасонии босифати тиббӣ ва дастрасӣ ба доруҳо ва ваксинаҳои бехатар, самаранок, босифат ва дастрас барои ҳама | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |

Саломатӣ ва ғизохӯрии кӯдак асоси афзоиш ва рушд дар тӯли тамоми ҳаёт мебошад. Стратегия ҳадафи такмил додани системаи идоракунии иттилоот ва густариши системаҳои рақамӣ ва телетибро дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ муайян мекунад.

- *Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббии* Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи асосии ҷамъоварӣ ва паҳн кардани маълумот оид ба саломатӣ дар сатҳҳои миллӣ ва зермиллӣ тавассути сомонаи он мебошад. Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ бо маълумоти ибтидоии бақайдгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ аз муассисаҳои тандурустӣ, инчунин маълумотҳои фаврӣ оид ба саломатии репродуктивӣ, бемориҳои сироятӣ (ҳар моҳ), ҳисоботҳои семоҳа оид ба ВНМО/БПНМ, ҳисоботҳои нимсола дар бораи баъзе аз бемориҳо кор мекунад, ки аз ҷониби муассисаҳои дахлдори ВТҲИА ҶТ таҳия карда мешаванд, тавре ки дар поён тавсиф карда шудааст.
- *Системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ (СИИТ),* ки аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ идора карда мешавад, аз DHIS2 – манбаъи кушод, веб-платформа барои воридкунии маълумот, таҳлили маълумот ва ҳисоботдиҳӣ истифода мебарад[41]. Маълумоти СИИТ аз ҷониби идораҳо ва муассисаҳои кишвар дар таҳияи стратегияҳо, ислоҳот, барномаҳо ва лоиҳаҳо вобаста ба тандурустӣ ба таври васеъ истифода мешавад. Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ ҳамчунин маълумотро ба Агентии омор дар шакли коғазӣ[42] оид ба вазъи саломатии аҳолӣ, аз ҷумла саломатии модару кӯдак, ВНМО, саломатии репродуктивӣ, эмгузаронӣ; ҳолати моддию техникии муассисаҳои тиббӣ; шахсони дорои маъюбият пешниҳод менамояд. СИИТ маълумоти маъмуриро дар бораи чанд нишондиҳандаи ҲРУ вобаста ба кӯдакон таҳия мекунад ва метавонад ҳамчун манбаъи алтернативӣ барои мониторинги мунтазам ва муфассал хизмат намояд, ки ба манбаъи асосии маълумоти ба таҳқиқот асосёфтаро такмил медиҳад.
- *Маркази миллии солимии репродуктивӣ* ҳамчун муассисаи асосӣ оид ба ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва нигоҳдории маълумот оид ба солимии репродуктивӣ, аз ҷумла саломатии модарон ва наврасон, банақшагирии оила, ниёзҳо ва истифодаи воситаҳои пешгирии ҳомиладорӣ, пешгирии ҳомиладории барвақтӣ ва санҷиши ВНМО дар байни занони ҳомиладор хидмат мекунад. Маълумот асосан дар шаклҳои коғазӣ ҷамъоварӣ карда мешавад. Дар марказҳое, ки аз ҷониби ЮНИСЕФ дастгирӣ карда мешаванд, системаи мустақили электронии воридкунӣ ва нигоҳдории маълумот оид ба хизматрасонҳои тиббӣ ба ҷавонон вуҷуд дорад. Аз соли 2022 инҷониб дар се ноҳияи озмоишӣ системаи равонасозии перинаталии электронӣ санҷида мешавад.
- *Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО*[43] манбаъи асосии маълумоти маъмурӣ оид ба сирояти ВНМО ва БПНМ мебошад. Бо риояи протоколҳои махфият, он маълумотҳои электрониро оид ба ҳолат ва паҳншавии сирояти ВНМО ва БПНМ, машваратдиҳӣ ва табобат дар байни аҳолии кишвар, аз ҷумла кӯдакон, занони ҳомиладор ва муҳоҷирон ҷамъоварӣ мекунад.

[41] http://www.epos30.de/content/tajikistan-health-information-system-launched-nationwide

[42] stat.tj

[43] Сомонаи расмии Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО: http://nac.tj/oidi_vnmo/

- *Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика* маълумоти муфассалро дар бораи эмгузаронии рӯзмарра/нақшавӣ, инчунин эмгузаронии оммавӣ дар ҳолатҳои фавқулодда ҷамъоварӣ мекунад. Маълумоти вуҷуддошта аз рӯи минтақаҳо, ҷинс ва категорияҳои асосии синну солӣ гурӯҳбандӣ карда мешавад. Системаи маълумоти Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика асосан дар шаклҳои коғазӣ кор мекунад. Дар доираи система, муассисаҳо бо истифода аз шакли коғазӣ ба марказҳои саломатии ноҳиявӣ ҳисобот медиҳанд, ки он ҷо маълумот ба система ворид карда мешавад. Дар соли 2022, дар кишвар бо дастгирии шарикони рушд ҳамчунин системаи мустақили электронии бақайдгирии аҳолӣ, ки ваксинаи COVID-19 мегиранд, ҷорӣ карда шуд. Дар соли 2023, ЮНИСЕФ ба Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика барои тафтиши воситаҳо ва системаҳои рақамӣ дастгирии техникӣ пешниҳод менамояд, ки дар ҳоли ҳозир барои ҳисоботдиҳӣ аз барномаи иммунизатсия (EPI - Expanded Programme on Immunization) ҷиҳати фаҳмидани вазифаи он, сифати маълумот ва мутобиқати он истифода мебарад. Бар асоси натиҷаҳои ниҳоии арзёбӣ харитаи роҳ барои рақамикунонии Барномаи миллии эмгузаронӣ таҳия карда мешавад.
- Бештари *нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба саломатӣ ва истеъмоли ғизо* асосан бар асоси таҳқиқоти хонаводаҳо, ба монанди Таҳқиқоти кластерӣ бо нишондиҳандаҳои бисёр, Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ ва Таҳқиқоти микронутриентҳо назорат карда мешаванд. Тавассути варақаҳои ҳисоботдиҳӣ ё нашрияҳо оид ба нишондиҳандаҳои вобаста ба ғизохӯрӣ маълумоти ками маъмурӣ мавҷуд аст, ҳарчанд маълумот аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ ҷамъоварӣ карда мешавад. Масалан, дар бораи кӯдакон ва занони гирифтори камхунӣ ё ҳолати антропометрӣ (масалан, лоғарӣ, қадпастӣ) ҳисоботи доимӣ ва боэътимод вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, қад ва вазни кӯдакон дар сабтҳои саломатии инфиродӣ тавассути назорати афзоиш андозагирӣ ба қайд гирифта мешавад. Зиёд намудани иқтидори техникӣ барои ҷамъоварӣ кардани маълумот оид ба афзоиш ва ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои антропометрии вобаста ба ҲРУ зарур мебошад.
- Дар чорчӯби барномаи *Идоракунии ҳамгирошудаи камғизогирии шадид*, ки аз ҷониби ВТҲИА ҶТ бо дастгирии ЮНИСЕФ амалӣ карда мешавад, маълумот дар бораи самарабахшии табобати кӯдакони гирифтори камғизоии шадид ҷамъоварӣ ва нигоҳ дошта мешавад. Маълумот аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ тавассути варақаҳои коғазӣ ҷамъоварӣ карда мешавад, ки дар сатҳи ноҳия (ва вилоят) муттаҳид карда шуда, аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона тартиб дода мешавад. Ҳамгироии варақаҳои ҳисоботдиҳии коғазӣ бо СИИТ хеле муҳим аст. Протоколи идоракунии ҳамгирошудаи камғизоии шадид нақши кормандони соҳаи тиб ва мақомоти тандурустии вилоят ва ноҳияро дар мавриди ҳисоботдиҳӣ муайян мекунад. Дар ин раванд мавҷудияти малакаҳои кофӣ барои истифода намудани Excel дар кормандони сатҳи поёнӣ хеле муҳим аст, ки ба ҷамъоварии маълумот ва ҳисоботдиҳӣ метавонад мусоидат намояд. Ғайр аз ин, тартиботи алоқаи дуҷониба ё тафтиш ва ё истифодаи мақсаднок аз маълумоти ҷамъоваришуда дар сатҳи миллӣ ё зермиллӣ бештар бояд ба назар расад.

## Самтгирии фаъолият барои таъмини дастрасӣ ва сифати маълумот дар доираи бахши «Саломатӣ ва истеъмоли ғизо» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | 2.2.1; 2.2.2 (2.2.3) |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Ташаккули низоми маълумоти дорои басомади баланд барои ҳисоби нишондиҳандаҳо вобаста ба кӯдакон оид ба қадпастӣ, вазни зиёдатӣ ва лоғарӣ дар байни кӯдакони то 5-сола ва камхунӣ дар байни занон. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Омӯзиш ва дастгирии истифодаи маълумоти маъмурии муассисаҳои тиббӣ оид ба мониторинги афзоиш ва нигоҳубини давраи пеш аз таваллуд барои ҷамъоварии маълумот дар бораи қадпастӣ, вазни зиёдатӣ ва лоғарӣ дар байни кӯдакони то 5-сола ва камхунӣ дар байни занон.<br>Дохил кардани модулҳо вобаста ба истеъмоли ғизо ба ТТД 2 ва дигар таҳқиқотҳои нав. |
| **Масъул** | ВТҲИА ҶТ; Агентии омор |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захираҳо** | Назаррас |

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | 2.2.1; 2.2.2 (2.2.3) |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Таъмини ҷамъоварии систематикии маълумот, таҳлил ва ҳисоботдиҳӣ дар бораи кӯдакони гирифтор ба норасогии шадиди ғизоӣ. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ ва қобилияти таҳлии кормандони соҳаи тиб, мақомоти тандурустии ноҳиявӣ/минтақавӣ ва Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона оид ба ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот бо истифода аз варақаҳои ягонаи ҳисоботдиҳӣ ва барномаҳои таҳлилӣ. |
| **Масъул** | ВТҲИА ҶТ |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ |
| **Зарурат** | Муътадил |
| **Масрафи захираҳо** | Муътадил |

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | 3.1.2; 3.2.1; 3.2.2; 3.б.1 |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Истифодаи васею кофӣ аз маълумоти СИИТ, махсусан барои мониторинги мунтазами нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон дар сатҳи миллӣ ва зермиллӣ. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Беҳтар кардани истифодаи маълумоти мавҷуда дар сатҳҳои миллӣ ва зермиллӣ тавассути визуализатсияи интерактивӣ ва платформаҳои паҳнкунии маълумоти оморӣ.<br>Тақвият додани тавоноии маъмурӣ ва кадрии ВТҲИА ҶТ барои истифодаи платформаҳои рақамӣ. |
| **Масъул** | ВТҲИА ҶТ; Агентии омор |
| **Шарик** | СУТ |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захираҳо** | Муътадил |

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | 3.1.2; 3.2.1; 3.2.2; 3.б.1 |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Ташаккули маълумоти гурӯҳбандишуда оид ба масъалаҳои саломатӣ ва солимии равонӣ дар байни кӯдакон ва наврасон – маълумот дар бораи наврасони гирифтори мушкилоти ҷиддии равонӣ бояд пайдо гардад.<br>Иттилооти кофӣ ва таҳлили системавии хизматрасониҳои мавҷуда бояд дастрас бошад. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Тақвияти системаи мониторинг тавассути такмил додани шаклҳо, дастурамалҳо ва протоколҳои меъёрии ҷамъоварӣ, таҳлил ва пешниҳоди доимии маълумот оид ба масъалаҳои саломатӣ ва солимии равонии кӯдакон ва наврасон.<br>Арзёбӣ, таҳким ва васеъ кардани феҳристи электронии перинаталӣ барои системаи равонасозӣ бар асоси сабақҳои омӯхташуда аз ташаббусҳои озмоишӣ.<br>Омӯхтани имкониятҳои ҷорӣ намудани модули нави ЮНИСЕФ оид ба солимии равонии дар чорчӯбаи ТКНБ ё дигар таҳқиқоти дахлдори хонаводаҳо. |
| **Масъул** | ВТҲИА ҶТ |
| **Шарик** | Шарикони рушд |
| **Зарурат** | Муътадил |
| **Масрафи захираҳо** | Муътадил |

## Таҳсилоти босифат ва рушд

Дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳадафҳои миёнамуддат ва дарозмуддат, инчунин самтҳои афзалиятдори рушди маориф, аз ҷумла маҷмӯи нишондиҳандаҳои ҲРУ4 муайян карда шудаанд.

### Маҷмӯи нишондиҳандаҳои ҲРУ барои мониторинги самтгирии стратегии фаъолият дар доираи бахши « Таҳсилоти босифат ва рушд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон | Идораи масъул доир ба маълумот | Сарчашмаи маълумот | Вазифагузорӣ дар доираи ҲРУ | Вобастагӣ бо ҳуҷҷати стратегии кишвар |
|---|---|---|---|---|
| 4.1.1 Ҳиссаи кӯдакон ва ҷавононе, ки ҳангоми хатми мактаби миёна ба сатҳи ҳадди ақали малакаҳои риёзӣ ва хониш ноил шудаанд | Вазорати маориф ва илм | Зарурат ба ҷамъоварии устувори маълумот ҷой дорад | То соли 2030, бояд кафолат дода шавад, ки ҳамаи духтарон ва писарон таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи ройгон, баробар ва босифатро ба итмом расонанд, ки ба натиҷаҳои мувофиқ ва самараноки омӯзиш оварда расонанд. | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| 4.1.2 Меъёри хатм (а) мактаби ибтидоӣ; (б) зинаи поёнии мактаби миёна; (в) зинаи болоии мактаби миёна | Вазорати маориф ва илм | Зарурат ба ҷамъоварии устувори маълумот ҷой дорад | | |
| 4.2.1 Ҳиссаи кӯдакони 24-59 моҳа, ки аз нигоҳи саломатӣ, омӯзиш ва некӯаҳволии равонӣ-иҷтимоӣ дар ҳолати рушд қарор доранд | Вазорати маориф ва илм/ Агентии омор | Зарурат ба ҷамъоварии устувори маълумот ҷой дорад | То соли 2030, дастрасии ҳамаи духтарон ва писарон ба рушди босифати барвақти кӯдакӣ, нигоҳубин ва таҳсилоти томактабиро бояд таъмин шавад, то онҳо ба таҳсилоти ибтидоӣ омода бошанд | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| 4.2.2 Сатҳи иштирок дар таълим (як сол пеш аз синни расмии ибтидоӣ) | Вазорати маориф ва илм/ Агентии омор | Зарурат ба ҷамъоварии устувор ва ҳамаҷонибаи маълумот дар асоси СИИМ ва тадқиқотҳо ҷой дорад | | |
| 4.3.1 Сатҳи иштироки ҷавонон ва калонсолон дар таҳсил ва омӯзиши расмӣ дар 12 моҳи гузашта | Вазорати маориф ва илм | Зарурат дар ташаккули базаи устувори маълумот ҷой дорад | То соли 2030, дастрасии баробар ба ҳамаи занон ва мардон ба таҳсилоти дастрас ва босифати техникӣ, касбӣ ва олӣ, аз ҷумла донишгоҳро бояд таъмин шавад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4.4.1 Фоизи духтарон ва писароне, ки дар тӯли 3 моҳи охир ҳадди ақал яке аз нӯҳ фаъолияти мушаххаси вобаста ба компютерро анҷом додаанд | Вазорати маориф ва илм | Зарурат ба ҷамъоварии устувори маълумот ҷой дорад | То соли 2030 шумораи ҷавонон ва калонсолоне, ки малакаҳои марбута, аз ҷумла малакаҳои техникӣ ва касбӣ доранд, барои шуғл, ҷойҳои кори муносиб ва соҳибкорӣ ба таври назаррас бояд зиёд карда шаванд | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| 4.5.1. Нишондиҳандаҳои паритетии таҳсилот: (а) ҷинс; (б) сарват (в) минтақа; (г) фаъолият | Агентии омор / Вазорати маориф ва илм | Зарурат ба ҷамъоварии устувори маълумот ҷой дорад | То соли 2030 нобаробарии гендерӣ дар соҳаи маорифро бартараф намуда, дастрасии баробар ба тамоми сатҳҳои таҳсилот ва касбомӯзии осебпазирро, аз ҷумла маъюбон, мардуми бумӣ ва кӯдакони дар ҳолатҳои осебпазир бояд таъмин карда шавад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| 4.a.1 Ҳиссаи мактабҳое, ки ба а) нерӯи барқ дастрасӣ доранд; (б) Интернет бо мақсадҳои педагогӣ; (в) компютерҳо бо мақсадҳои педагогӣ; (г) инфрасохтор ва маводҳои мутобиқшуда барои донишҷӯёни маъюб; (д) оби тозаи нӯшокӣ; (е) иншооти санитарии оддии ҷинсӣ; ва (ж) иншооти асосии шустани даст (мувофиқи таърифи нишондиҳандаи WASH) | Вазорати маориф ва илм | Зарурат ба ҷамъоварии устувор ва ҳамаҷонибаи маълумот дар асоси НАИМ ва тадқиқотҳо ҷой дорад | Сохтан ва навсозӣ кардани муассисаҳои таълимӣ, ки кӯдакон, маъюбон ва гендерӣ мебошанд ва барои ҳама шароити муҳити бехатар, ғайри зӯроварӣ, фарогир ва самарабахш фароҳам меоранд | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |

Вақтҳои охир аҳамияти маълумот дар бораи соҳаи маориф ба сабаби афзоиши талабот ба таҳияи сиёсати соҳавӣ бар асоси маълумот ва банақшагирии таҳсилот барои ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ ва ҷаҳонии маориф афзоиш ёфтааст. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМИ) барои ҷамъоварӣ, интиқол, арзёбӣ, тафтиш ва паҳн кардани маълумоти оморӣ дар соҳаи маориф масъул мебошад. Дар соли 2007 ВМИ Системаи иттилоотии идоракунии маорифро (СИИМ) ташкил намуд, ки платформаи умумиро ҷиҳати идоракунии самарабахши маълумот барои ҷонибҳои манфиатдори гуногуни соҳаи маориф таъмин менамояд. Системаи мазкур ба ВМИ имконият медиҳад, ки маълумотро оид ба таҳсилот аз рӯи ҷинс, аз ҷумла дар бораи кӯдакони осебпазир ва кӯдакони дорои ниёзҳои махсус дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандӣ намояд. Дар маҷмӯъ, дар солҳои охир дар такмили системаи идоракунии маълумот пешравиҳои назаррас ба даст оварда шуданд.

Система ба таври офлайн кор мекунад. Маълумот дар бораи мактаб ба система ворид карда шуда, барои коркарди баъдӣ ба сатҳи ВМИ интиқол дода мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббуси таҳкими СИИМ ё таҷрибаҳои васеътари идоракунии маълумоти маорифро барои беҳтар кардани иқтидори миллӣ дар самти ҷамъоварӣ, идоракунӣ ва истифодаи маълумоти соҳаи маориф барои ноил шудан ба таҳсилот ва омӯзиши босифат ва фарогир пеш гирифтааст.

Система ҳамчун платформаи дохилии рақамӣ барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва идоракунии маълумот дар соҳаи маориф хизмат мекунад. Бо истифода аз платформаи Microsoft, СИИМ маълумоти асосии демографӣ ва таълимиро дар бораи хонандагон ва омӯзгорон дар сатҳи умумӣ ҷамъоварӣ мекунад. СИИМ дар Тоҷикистон маълумотро дар бораи ҳар хонанда ҳам дар сатҳи таҳсилоти ибтидоӣ/миёна ва ҳам дар сатҳи таҳсилоти томактабӣ ҷамъоварӣ намекунад. Мавҷудияти чунин маълумот дар сатҳи хонанда метавонад ба мақомоти маориф, мактабҳо ва омӯзгорон барои беҳтар дарк кардан ва қонеъ сохтани ниёзҳои таълимии хонандагони  кишвар кӯмак расонад.

Маълумот СИИМ ҳар сол дар сатҳи мактаб тавассути варақаи барӯйхатгирӣ ҷамъоварӣ карда мешавад, ки баъдан тавассути шуъбаҳои маорифи ноҳия ва вилоятҳо то сатҳи миллӣ интиқол дода мешавад. Система метавонад ҷадвалҳои асосиро тартиб диҳад ва маълумотро аз система барои гузаронидани таҳлили тавсифӣ, таҳияи ҷадвали маълумот ва робитаҳои мутақобилаи маълумот дарёфт намояд. Система ҳамчунин барои ба осонӣ ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандӣ кардани маълумот ва таҳияи иттилоот дар вақти воқеӣ имконият медиҳад. Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои ин таҳлил танҳо барои таҳияи маҷмуаҳои омории солона истифода мешаванд, ки ҳар сол нашр карда мешаванд[44].

СИИМ метавонад маълумотро барои нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон бар асоси системаҳои маъмурӣ (4.2.2 ва 4.a.1) бо таваҷҷуҳ ба сифат ва пурра будани онҳо эҷод кунад. Таҳқиқоти миллӣ бо истифода аз Арзёбии хониш дар синфҳои ибтидоӣ ва Арзёбии риёзидонӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар доираи лоиҳаи ЮСАИД гузаронида шуд[45], арзёбии натиҷаҳои таълим дар ҳамаи сатҳҳои таҳсилот ба системаи иттилоот барои мониторинги ҲРУ хеле муҳим аст.

---

[44] Systems Approach for Better Education Results (SABER). Tajikistan Country Report. WB (Равиши системавӣ барои натиҷаҳои беҳтари таҳсилот (SABER). Ҳисоботи кишвари Тоҷикистон. Бонки ҷаҳонӣ), 2017.

[45] USAID Learn Together Activity. Baseline Summary Report: Reading Mathematics and Social Emotional Learning. December 2022 (Лоиҳаи ЮСАИД “Биё, ҳамроҳ омӯзем”. Ҳисоботи ҷамъбастии ибтидоӣ: Омӯзиши хониши, математика ва омӯзиши эмотсионалии иҷтимоӣ. Декабри соли 2022

## Самтгирии фаъолият  барои таъмини дастрасӣ ва сифати маълумот дар доираи бахши «Таҳсилоти босифат ва рушд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | 4.1.1 |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Таквияти  системаи СИИМ барои ҷамъоварии маълумот оид ба ҲРУ 4, махсусан дар бораи сифати таҳсилот ва натиҷаҳои ниҳоии таълим. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Ташкил намудани ҷамъоварии систематикии маълумот дар бораи натиҷаҳои ниҳоии таълимот (масалан, таҳқиқотҳои Арзёбии хониш дар синфҳои ибтидоӣ/Арзёбии риёзидонӣ дар синфҳои ибтидоии мактабҳо) ва беҳтар намудани дастрасӣ ба маълумот, инчунин барои мониторинги ҲРУ.<br>Таҳия ва ба кор андохтани модулҳои иловагии СИИМ, ки ба нишондиҳандаҳои ҲРУ 4 алоқаманд мебошанд, бо мақсади муттаҳидсозии самарабахшии дохилӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолият (масалан, натиҷаҳои ниҳоии омӯзиш, такмили ихтисоси омӯзгорон, давомот ва ғ.). Баррасии маълумоти аз рӯи ҷинс гурӯҳбандишуда оид ба маъюбӣ ва фарогирӣ барои таъмини ҷамъоварии мунтазами он (махсусан бо таваҷҷуҳ ба маълумоти маъюбӣ).<br>Омӯзиши имконияти дохил кардани маълумот дар бораи таҳсилоти ғайрирасмӣ ва кӯдакони аз мактаб берун монда бо дарназардошти самарабахшии хароҷот. |
| **Масъул** | Вазорати маориф ва илм |
| **Шарик** | ЮНЕСКО, ЮСАИД, ЮНИСЕФ |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захираҳо** | Назаррас |

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | 4.2.2;  4.5.1;  4.a.1 |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Таъмини сифат, дастрасӣ ва истифодаи кофӣ аз маълумоти маъмурии СИИМ барои мониторинги нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба маориф ва СМР/БМР. Маълумоти СИИМ ҳамаҷониба аст, нишондиҳандаҳои самаранокии дохилӣ ва берунии маълумоти омории соҳа (масалан, давомоти хонандагон, тарки мактаб, натиҷаҳои ниҳоии омӯзиш ва ғ.) ё робита бо омори аҳолиро бояд дар бар гирад. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Беҳтар кардани сифат ва дастрасии иттилооти гурӯҳбандишуда оид ба нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба маориф, ки бар асоси маълумоти маъмурӣ таҳия карда мешаванд.<br>Таҳияи панелҳои интерактивии маълумот барои истифодаи умум.<br>Тақвияти сифат/эътимоднокии ҳисоботҳои солонаи оморӣ ва беҳтар намудани дастрасии маълумоти омории соҳа барои истифодабарандагон. |
| **Масъул** | Вазорати маориф ва илм;  Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| **Шарик** | ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ |
| **Зарурат** | Муътадил |
| **Масрафи захираҳо** | Муътадил |

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | 4.2.1 |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Ташаккули низоми  самараноки  маълумоти ибтидоии миллӣ оид ба рушди кӯдакон ва соҳибият аз ин нишондиҳанда ба сабаби хусусияти байнисоҳавии он.<br>Маълумоти муосир оид ба рушди барвақти кӯдак ва маълумот дар бораи тарбияи кӯдакон бояд дастрас бошад. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Ҷустуҷӯи роҳҳои ворид кардани Модули шохиси (индекси) рушди барвактии кӯдакон ва дигар нишондиҳандаҳои рушди барвактии кӯдак ба таҳқиқоти асосии хонаводаҳо.<br>Банақшагирӣ ва гузаронидани таҳқиқоти кластерӣ бо нишондиҳандаҳои бисёр.<br>Беҳтар кардани мутобиқсозии нишондиҳандаҳои СИИМ ва нишондиҳандаҳои калидии фаъолияти корӣ дар чорчӯби натиҷаҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо ҲРУ. |
| **Масъул** | Вазорати маориф ва илм;  Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ;  Агентии омор |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захирахо** | Назаррас |

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | 4.2.1 |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Ташаккули системаи/механизми мониторинг ва арзёбии стратегияҳои соҳавӣ |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Тақвият додани банақшагирии таҳқиқотҳои асосии бахши маориф ва ташаббусҳо оид ба ҷамъоварии маълумот дар робита бо стратегияҳо ва барномаҳои соҳавӣ.<br>Эҷод намудани системаи мониторинг ва арзёбии стратегияҳо ва барномаҳои соҳаи маориф, ки бо ҲРУ ва КҲК мувофиқ мебошанд.<br>Ташкили механизмҳои санҷиш ва тасдиқи маълумот. |
| **Масъул** | Вазорати маориф ва илм |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ,  Шарикии глобалӣ барои таҳсилот (GPE) |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захирахо** | Муътадил |

## Баробарии гендерӣ

Ташвиқи баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон дар ваколати (мандат) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Талошҳои Ҳукумат барои ҳифзи ҳуқуқҳои баробари занону духтарон, мубориза бо табъиз, тағйир додани нақшҳо ва тасаввуроти қолабӣ (стереотипҳо), ки ба нобаробарӣ ва истисношавӣ оварда мерасонанд, дар санадҳои қонунгузории миллӣ ба таври равшану возеҳ, аз он ҷумла дор доираи Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 баён карда шудаанд.

### Маҷмӯи нишондиҳандаҳои ҲРУ барои мониторинги самтгирии стратегии фаъолият дар доираи бахши «Баробарии гендерӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон | Идораи масъул доир ба маълумот | Сарчашмаи маълумот | Вазифагузорӣ дар доираи ҲРУ | Вобастагӣ бо ҳуҷҷати стратегии кишвар |
|---|---|---|---|---|
| 5.2.1 Ҳиссаи занон ва духтарони синни 15-сола ва калонтар, ки боре оиладор буданд ва аз ҷониби шарики маҳрамонаи ҳозира ё собиқ дар тӯли 12 моҳи гузашта мавриди зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ ё равонӣ қарор гирифтаанд, аз рӯи шакли зӯроварӣ ва синну сол | Агентии омор | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, 2023 | Бартараф кардани ҳама гуна зӯроварӣ нисбати ҳама занон ва духтарон дар соҳаҳои давлатӣ ва хусусӣ, аз ҷумла хариду фурӯш ва ҷинсӣ ва дигар намудҳои истисмор | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| 5.2.2 Ҳиссаи занон ва духтарони синни 15-сола ва калонтар, ки аз ҷониби шахсони ғайри шарики маҳрамона дар тӯли 12 моҳи гузашта мавриди зӯроварии ҷинсӣ қарор гирифтаанд, аз рӯи синну сол ва ҷои ҳодиса | Агентии омор | Зарурат ба ҷамъоварии устувори маълумот ҷой дорад | | |
| 5.3.1 Ҳиссаи занони аз 20 то 24 сола, ки то синни 15-солагӣ ва то 18-солагӣ издивоҷ кардаанд | Агентии омор | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, 2023 | Азбайн бурдани тамоми урфу одатҳои зароровар, аз қабили издивоҷи барвақтӣ ва маҷбурӣ, маъюбкунии занон | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то с.2030 |
| 5.6.1 Ҳиссаи духтарон ва занони 15-19 сола, ки қарорҳои огоҳонаи худро дар робита бо муносибатҳои ҷинсӣ, истифодаи пешгирии ҳомиладорӣ ва ҳифзи саломатии репродуктивӣ қабул мекунанд | Агентии омор | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, 2023 | Дастрасии ҳамаҷониба ба солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивиро тибқи Барномаи амали Конфронси байналмилалии аҳолӣ ва рушд ва Платформаи амалҳои Пекин ва ҳуҷҷатҳои натиҷавии конфронсҳои баррасии онҳо бояд таъмин карда шавад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |

Маълумоти маъмурии вобаста ба гендер ҳамчун ҷузъи байнисоҳавӣ дар тамоми бахшҳои баррасишуда, аз ҷумла бахшҳои демографӣ, тандурустӣ, маориф, меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва адолати судӣ баррасӣ карда мешавад. Дар маҷмӯъ, ҳамаи системаҳои маъмурӣ маълумоти гурӯҳбандишуда аз рӯи ҷинсро пешниҳод мекунанд. Нашрияҳои мушаххас вуҷуд доранд, ки омори гендериро инъикос мекунанд[46].

Аз се нишондиҳандаи ҲРУ5 вобаста ба кӯдакон, як нишондиҳанда оид ба издивоҷи кӯдакон ба ҳуҷҷати стратегии миллӣ дохил карда шудааст. Манбаъи асосии нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон оид ба баробарии гендерӣ таҳқиқотҳои хонаводаҳо мебошад. Дар дастрасии маълумоти таҳқиқот дар бораи яке аз нишондиҳандаҳои ҲРУ 5.2.2 “Зӯроварии ҷинсӣ аз ҷониби дигарон” фаъолиятҳо сафарбар мегарданд.

## Оби тоза ва санитария

Об, санитария ва гигиена дар ҷомеаҳо, хонаводаҳо, мактабҳо, муассисаҳои тиббӣ ва дигар маконҳо барои таъмини зиндагии босифат ва пешгирии эпидемияҳо ва бемориҳои сироятӣ муҳим аст. Ҳадафҳои рушди соҳаи об дар доираи Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 бо таъмини аҳолии Тоҷикистон бо оби босифати ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов пайваст аст.

**Маҷмӯи нишондиҳандаҳои ҲРУ барои мониторинги самтгирии стратегии фаъолият дар доираи бахши «Оби тоза ва санитария» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон | Идораи масъул доир ба маълумот | Сарчашмаи маълумот | Вазифагузорӣ дар доираи ҲРУ | Вобастагӣ бо ҳуҷҷати стратегии кишвар |
|---|---|---|---|---|
| 1.4.1 Ҳиссаи аҳолие, ки дар хонаводаҳои дорои дастрасӣ ба хизматрасониҳои асосӣ (манбаъҳои беҳтаршудаи оби ошомиданӣ) зиндагӣ мекунанд | Агентии омор | Барномаи мониторинги муштарак (JMP) | То соли 2030 бояд кафолат дода шавад, ки ҳамаи мардон ва занон, алахусус камбизоатон ва осебпазир, дорои ҳуқуқи баробар ба захираҳои иқтисодӣ, инчунин дастрасӣ ба хидматҳои аввалия, захираҳои табиӣ, мувофиқ технологияҳои нав мебошанд | Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 |
| 6.1.1 Ҳиссаи аҳолӣ, ки аз хизматрасониҳои оби ошомидании ба таври бехатар идорашаванда истифода мебаранд | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ<br>Агентии омор | Барномаи мониторинги муштарак (JMP) | То соли 2030, дастрасии ҳамаҷониба ва баробар ба оби бехатар ва дастрас барои ҳама бояд таъмин гардад | Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 |

[46] https://stat.tj/tj/program-on-the-development-of-gender-statistics

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 6.2.1 Ҳиссаи аҳолие, ки аз (а) хизматрасониҳои санитарии ба таври бехатар идорашаванда ва (б) иншоот барои шустани дастон бо собун ва об истифода мебаранд | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ/ Агентии омор | Барномаи мониторинги муштарак (JMP) | То соли 2030 дастрасӣ ба санитария ва гигиенаи мунсиб ва одилона барои ҳама ба даст оварда, ба ниёзҳои занон ва духтарон ва онҳое, ки дар ҳолатҳои осебпазир ҳастанд, диққати махсус бояд дода шавад. | Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 |

Таъмини дастрасӣ ба маълумоти боэътимод ва мунтазами маъмурӣ барои муайян кардани ҳиссаи аҳолӣ дар робита ба истифодаи оби ошомиданӣ, хизматрасониҳои санитарии асосӣ, оби ошомидании ба таври бехатар идорашаванда, хизматрасониҳои санитарии ба таври бехатар идорашаванда ва иншооти дастшӯйӣ бо собун ва об хеле муҳим аст. Бояд иттилооти васеъ дар нашрияҳои вобаста ба саломатӣ дар бораи об, санитария ва гигиена дар муассисаҳои тиббӣ дастрас бошад. Дар ин раванд СИИМ дар бораи намуди объектҳои обтаъминкунӣ ва санитария дар мактабҳо баъзе иттилоотро пешниҳод мекунад.

*Барномаи муштараки мониторинги таъмини об, санитария ва гигиена (JMP - Joint Monitoring Programme)*[47] таҳти роҳбарии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ)/ ЮНИСЕФ махзани иттилоотии васеъи глобалиро бар асоси маълумоти таҳқиқоти хонаводаҳо нигоҳ медорад**.** Барномаи мазкур ба манбаъи пешбари арзёбиҳои муқоисашавандаи пешрафт дар соҳаи оби ошомиданӣ, санитария ва гигиена (WASH) табдил ёфт. Он барои мониторинги ҳадафҳои ҲРУ вобаста ба таъмини об, санитария ва гигиена истифода мешавад.

**Самтгирии фаъолият барои таъмини дастрасӣ ва сифати маълумот дар доираи бахши «Оби тоза ва санитария» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Таъмини ҳамкории байнисоҳавӣ ва системаҳои маълумотҳои маъмурӣ барои муайян кардани ҳиссаи аҳолӣ, ки аз оби ошомиданӣ, хизматрасониҳои асосии санитарӣ, таъмини об, ва гигиена дар муассисаҳои тандурустӣ ва таълимӣ истифода мебаранд. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Дастгирии таҳия намудани системаҳои ягона ё бо якдигар алоқаманди маълумотҳои маъмурӣ (КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ”, СИИТ, СИИМ, ТБХ, КУИ), ки маълумотро оид ба нишондиҳандаҳои вобаста ба таъмини об, санитария ва гигиена дар хонаводаҳо, муассисаҳои тиббӣ ва мактабҳо ҷамъоварӣ менамоянд. |
| **Масъул** | Вазорати энергетика ва захираҳои об (ВЭЗО), КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ, БҶ |
| **Зарурат** | Муътадил |
| **Масрафи захираҳо** | Баланд |

[47]Нақшаи мониторинги муштарак барои Тоҷикистон _https://washdata.org/data/country/TJK/household/download

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | 1.4.1; 6.2.1; 6.2.2 |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Пурратар намудани маълумоти таҳқиқоти доир ба нишондиҳандаҳои таъмини об, санитария ва гигиена, аз ҷумла истифодаи хидматрасониҳои ба таври бехатар идорашавандаи вобаста ба оби ошомиданӣ ва истифодаи хидматрасониҳои санитарии ба таври бехатар идорашаванда (иншоот барои шустани дастон бо собун ва об). |
| **Амалҳои пешниҳодшаванда** | Омӯхтани имкониятҳои дохил кардани модулҳои нав вобаста ба сифати об ба таҳқиқотҳои хонаводаҳо (таъмини об, санитария ва гигиена ё ТКНБ/MICS, ТБХ). |
| **Масъул** | Вазорати энергетика ва захираҳои об (ВЭЗО), КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” Агентии омор |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захираҳо** | Назаррас |

## Кори шоиста

Дар доираи амалӣ гардидани «Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» талошҳо дар самти коҳиши сатҳи бо меҳнат фаро гирифта шудани кӯдакон таъмин мегардад.

**Маҷмӯи нишондиҳандаҳои ҲРУ барои мониторинги самтгирии стратегии фаъолият дар доираи бахши «Кори шоиста» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон | Идораи масъул доир ба маълумот | Сарчашмаи маълумот | Вазифагузорӣ дар доираи ҲРУ | Вобастагӣ бо ҳуҷҷати стратегии кишвар |
|---|---|---|---|---|
| 8.6.1 Ҳиссаи ҷавонон (аз 15 то 24 сола), бекорон ҳастанд, таҳсил накардаанд ва ҷавононе, ки малакаҳои касбиро намеомӯзанд | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ/ Агентии омор | Таҳқиқот оид ба қувваи корӣ, 2024 | Коҳиш намудани ҳиссаи ҷавононе, ки на дар шуғл, на дар таҳсилот ё омӯзиш қарор доранд | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 |
| 8.7.1 Ҳиссаи кӯдакони аз 5 то 17 сола, ки ба меҳнати кӯдакон машғул мебошанд, аз рӯи ҷинс ва синну сол | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ/ Агентии омор | Таҳқиқот оид ба қувваи корӣ, 2024 | Чораҳои фаврӣ ва муассир барои решакан кардани меҳнати маҷбурӣ, хотима додани ғуломӣ ва хариду фурӯши одамон, манъ ва нест кардани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон бояд андешида шавад ва то соли 2025 меҳнати кӯдакон дар ҳама шаклҳои он бояд қатъ гардад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 |

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВММША) ҳамчунин маълумотро дар бораи шуғл/бекорӣ – онҳое, ки дар бозори меҳнат ва шуғл машғул мебошанд, дар бораи шахсони бекори расман бақайдгирифташуда аз рӯи минтақаҳо, ҷинс ва синну сол (то 18; 18-24 сола; 25-29 сола), зинаи таҳсилот (олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ) ҷамъоварӣ мекунад. ВММША инчунин маълумотро дар бораи муҳоҷират ва таҳсилоти касбӣ ҷамъоварӣ мекунад.

## Самтгирии фаъолият барои таъмини дастрасӣ ва сифати маълумот дар доираи бахши «Кори шоиста» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | 8.6.1; (4.3.1) (4.4.1) |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Баргузории таҳқиқоти мунтазами хонаводаҳо ё системаи иттилоотии маъмурӣ ҷиҳати таҳияи маълумот барои мониторинги ҷавононе, ки берун аз таҳсил, шуғл ва омӯзиш қарор доранд. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Ташкили ҳамкории байнисоҳавӣ барои омӯхтани имкониятҳои таҳияи маълумот дар бораи ҷавононе, ки берун аз таҳсил, шуғл ва омӯзиш қарор доранд, инчунин дар асоси Таҳқиқоти буҷети хонавода.<br>Омухтани имкониятҳо барои эҷод намудани системаи иттилоотии идоракунӣ дар бахши таъмин бо кор (мисол, системаи таҳлили иттилооти бозори меҳнат). |
| **Масъул** | ВММША, Агентии омор |
| **Шарик** | Иттиҳодияи Аврупо (ИА), Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ), ЮНИСЕФ |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захираҳо** | Баланд |

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | 8.6.1; (4.3.1) (4.4.1) |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Ташаккули низоми маълумоти омории мунтазам дар бораи меҳнати кӯдакон. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Сафарбар кардани захираҳо ва нақшаи таҳқиқоти кластерӣ бо нишондиҳандаҳои бисёр (MICS) ё ҳамгиросозии модули меҳнати кӯдакон ба таҳқиқоти асосии хонаводаҳо, ба монанди таҳқиқоти қувваи корӣ, ё таҳқиқоти меҳнати кудакон. |
| **Масъул** | ВММША |
| **Шарик** | Иттиҳодияи Аврупо (ИА), Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ), ЮНИСЕФ |
| **Зарурат** | Муътадил |
| **Масрафи захираҳо** | Назаррас |

## Адолати судӣ нисбат ба кӯдакон

### Зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон

Дар кишвар бо такя ба чораҳои амалишудаи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023 заминаи зарури барои пурзӯр намудани механизмҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, бахусус омилҳои зӯроварӣ дар оила, бақайдгирии огоҳкунии инфиродӣ оид ба масъалаҳои роҳ надодан ба ҳаракатҳои зиддиҷамъиятӣ, кирдорҳои ношоиста ва рафторҳои бадахлоқона дар оила, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон, аз чумла кудакон, ташаккул меёбад. Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак (КҲК) ба кишвар тавсия медиҳад, ки механизмҳои гузоришдиҳӣ оид ба истифодаи ҷазои ҷисмонӣ дар ҳама ҷойҳо эҷод карда шаванд. Он ҳамчунин тавсия медиҳад, ки тафтишот, парвандаҳои маъмурӣ ва мурофиаҳои судӣ дар бораи ҳамаи ҳолатҳои зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон фавран оғоз карда шуда, маълумот оид ба парвандаҳо ва ҳалли онҳо ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандӣ карда шавад. Дар Кумитаи кор бо занон ва оила, Вазорати корҳои дохилӣ (ВКД), Прокуратураи генералӣ ва Суди Олӣ системаҳои гуногуни маълумоти коғазӣ вуҷуд доранд, ки заминаи заруриро барои таъмини ҳамоҳангӣ дар самти мазкурро омода менамоянд. Дар мавриди истисмори ҷинсии кӯдакон, синни ҳадди ақали алоқаи ҷинсӣ бо розигии тарафайн дар Тоҷикистон 16-сола аст. Дар бораи чунин ҳолатҳо маълумоти басандаи маъмурии коғазӣ бояд вуҷуд бошад.

### Кӯдакони дар мухолифат бо қонунгузорӣ қарордошта

Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак (КҲК) нигаронии худро дар Қайдҳои хулосавии соли 2017 зикр менамояд, ки маълумоти гурӯҳбандишуда дар бораи кӯдакони дар мухолифат бо низоми адолати судии ҷиноятӣ қарордошта мунтазам ҷамъоварӣ ва нашр карда намешаванд. КҲК ба Тоҷикистон тавсия медиҳад, ки маълумотҳои гурӯҳбандишуда, аз ҷумла, аз рӯи синну сол, ҷинс, маъюбӣ, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, мансубияти қавмӣ ва собиқаи иҷтимоию иқтисодиро дар бораи кӯдаконе ҷамъоварӣ ва нашр намояд, ки онҳо дар мухолифат бо низоми адолати судии ҷиноятӣ қарор доранд. Ҳамаи системаҳои вуҷуддоштаи маълумот дохилӣ ва коғазӣ мебошанд, тавассути дархости расмӣ ба даст овардан мумкин аст. Иттилооти нисбатан васеъ, масалан, дар бораи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, дар омори 5 соли охири Агентии омор бо гурӯҳбандӣ намудани он аз рӯи ҷинс ва категорияҳои синну соли пешакӣ муайяншуда (14-15 сола, 16-17 сола, 18-24 сола ва 25-29 сола) бояд ташаккул ёбад. Дастурамали ба наздикӣ тасдиқшуда оид ба механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ дар бораи кӯдакони дар мухолифат бо қонунгузорӣ қарордошта, шоҳидон ва қурбониёни ҷиноят ва зӯроварӣ эҷод намудани махзани ягонаи иттилоотро пешбинӣ намуда, тартиби ҳамкории мақомот ва созмонҳои низоми адлияи ноболиғон, аз ҷумла Прокуратура, Суди Олӣ, Вазорати адлия, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати маориф ва илм, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро муайян мекунад[48].

### Бақайдгирии таваллуд ва кӯдакони бешаҳрванд

Бақайдгирии таваллуд ба шахсони воқеӣ далелҳои ҳуҷҷатиеро таъмин менамоянд, ки барои эътирофи шахсияти ҳуқуқӣ, муносибатҳои оилавӣ ва шаҳрвандӣ зарур мебошанд. Дар қонунгузорӣ[49] ҷорӣ намудани низоми электронии сабти

---

[48] Дастурамал оид ба механизми ҷамъоварии маълумот дар бораи кӯдакони ҷинояткорон, шоҳидон ва ҷабрдидагон. 26 августи соли 2022, №417 аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст.

[49] Қонуни №1637 “Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонун “Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ”” аз 19 июли соли 2019 қабул шудааст.

асноди ҳолати шаҳрвандӣ, инчунин эҷод ва нигоҳдории махзани электронии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ пешбинӣ шудааст. Дар ҳоле ки манбаъи асосии маълумот барои ҳисоботдиҳӣ оид ба ҲРУ дар робита ба бақайдгирии таваллуд аз таҳқиқоти миллии хонаводаҳо (масалан, ТТД) бармеояд, сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва омори ҳаракати табиии аҳолӣ маълумотро дар бораи шумораи кӯдаконе пешниҳод мекунад, ки шаҳодатномаи таваллуд гирифтаанд (бақайдгирии барвақтӣ ва батаъхирафтода). Баъзан додани шаҳодатномаи таваллуд ба кӯдакон ба сабаби мавҷуд набудани шиносномаи волидайн душвор мегардад. Дар кишвар омори расмии кӯдакони (ё шахсони) бешаҳрванд бояд ташаккул ёбад[50].

### Маҷмӯи нишондиҳандаҳои ҲРУ барои мониторинги самтгирии стратегии фаъолият дар доираи бахши «Адолати судӣ » дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон | Идораи масъул доир ба маълумот | Сарчашмаи маълумот | Вазифагузорӣ дар доираи ҲРУ | Вобастагӣ бо ҳуҷҷати стратегии кишвар |
|---|---|---|---|---|
| 16.1.1 Шумораи қурбониёни (то 18 сола) куштори қасдан ба 100,000 аҳолӣ | Вазорати корҳои дохилӣ | Зарурат дар ташаккули базаи устувори маълумот ҷой дорад | Ҳама шаклҳои зӯроварӣ ва марбут ба маргро дар ҳама ҷо бояд коҳиш ёбад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон |
| 16.2.1 Ҳиссаи кӯдакони 1-14 сола, ки дар тӯли моҳи охир аз ҷониби парасторон ҳар гуна ҷазои ҷисмонӣ ва/ё агрессияи равониро аз сар гузаронидаанд | Агентии омор | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, 2023 | Ба хушунат, истисмор, хариду фурӯш ва ҳама шаклҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон бояд хотима дода шавад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон |
| 16.2.3 Ҳиссаи занони ҷавон ва мардони 18-29-сола, ки то синни 18-солагӣ мавриди зӯроварии ҷинсӣ қарор гирифтаанд | Агентии омор | Зарурат ба таҳияи методология ва ҷамъоварии устувори маълумот ҷой дорад | | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон |
| 16.9.1 Ҳиссаи кӯдакони то 5 сола, ки таваллудашон дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта шудааст. | Вазорати адлия | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, 2023 | То соли 2030 барои ҳама шахсияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла бақайдгирии таваллудро бояд пешниҳод шавад | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030<br>Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон |

[50] Шарҳи ихтиёрии миллӣ, Тоҷикистон, 2023.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 17.8.1 Таносуби шахсони алоҳида, ки Интернетро истифода мебаранд | Хадамоти алоқа | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, 2023 (танҳо барои занҳо) | Ба пуррагӣ ба кор даровардани бонки технологӣ ва механизми таҳкими иқтидори инноватсионӣ ва истифодаи технологияҳои мусоид, аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |

## Самтгирии фаъолият барои таъмини дастрасӣ ва сифати маълумот дар доираи бахши «Бақайдгирии таваллуд ва кӯдакони бешаҳрванд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Тахияи маълумоти гурӯҳбандишуда дар бораи кӯдакони дар мухолифат бо қонун қарордошта. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Дастгирии сафарбаркунии захираҳо ва татбиқи механизми ҷамъоварии маълумот дар бораи кӯдакони дар мухолифат бо қонун қарордошта, шоҳидон ва қурбониёни ҷиноят ва зӯроварӣ.<br>Таҷдид намудани системаҳои ҷамъоварии маълумот ва варақҳои ҳисоботдиҳӣ барои таъмини гурӯҳбандии муносиби маълумот. |
| **Масъул** | Прокуратураи генералӣ, ВКД, Суди Олӣ |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ |
| **Зарурат** | Муътадил |
| **Масрафи захираҳо** | Баланд |

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | 16.2.1 |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Тахияи низоми маълумоти мунтазам барои мониторинги зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Дохил кардани модул оид ба интизоми кӯдакон дар ТТД-и навбатӣ.<br>Ташкил намудани системаҳои ҷамъоварии маълумот ва ҳисоботдиҳӣ оид ба механизмҳои фикру мулоҳизаҳои ҷавобӣ дар мактабҳо. |
| **Масъул** | Агентии омор, ВМИ, Кумитаи кор бо занон ва оила, ВМИ |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захираҳо** | Паст |

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | 16.2.3 |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Тахияи низоми маълумоти ибтидоии миллӣ оид ба зӯроварии ҷинсӣ то синни 18-сола. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Пайгирӣ намудани муҳокимаҳо оид ба таҳия ва ҷорӣ намудани методологияи ҷамъоварии маълумот ва муттаҳидсозии талошҳои вуҷуддошта ё эҳтимолӣ барои ҷамъоварии маълумот. |
| **Масъул** | Агентии омор, Кумитаи кор бо занон ва оила, Вазорати корҳои дохилӣ (ВКД), Суди Олӣ |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ, Хазинаи нуфуси СММ (UNFPA) |
| **Зарурат** | Паст |
| **Масрафи захирахо** | Муътадил |

| | |
|---|---|
| **Ниш. ҲРУ** | (16.9.1) |
| **Вазифаҳои асосӣ** | Тахияи низоми маълумоти таҳқиқот оид ба кӯдакони (5-17 сола), ки таваллуди онҳо ба қайд гирифта нашудааст. Набудани маълумоти мунтазам дар бораи кӯдаконе, таваллуди онҳо ба қайд гирифта нашудааст, махсусан кӯдакони осебпазир. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Бознигарии системаҳои вуҷуддоштаи маълумот барои таҳия намудани нишондиҳандаҳои ғайримустақим ҷиҳати мониторинги фарогирии бақайдгирии таваллуд бо таваҷҷуҳ ба кӯдакони бештар осебпазир (минтақаҳои дурдаст, ақаллиятҳо, кӯдакони маъюб).<br>Бознигарӣ кардани маълумоти маъмурӣ дар бораи бақайдгирии таваллуд аз рӯи синну сол, ки ба таҳлили муфассали мушкилот имконият медиҳад. |
| **Масъул** | ВА ҶТ |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захирахо** | Паст |

## “Касеро дар канор нагузоштан”– кӯдакони осебпазир

Ин ҳадафи муҳими Рӯзномаи ҷаҳонӣ оиди Ҳадафҳои рушди устувор ва инчунин самти муҳими фаъолият дар кишвар мебошад. Татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор ба ҳуҷҷатҳои барномавӣ ин асоси гузариши ҳаматарафаи идоракунии кишвар ба сиёсат оиди расидан ба ҲРУ мебошад.

ҲРУ бояд фарогир бошанд: онҳо бояд барои ҳама кудакон новобаста аз ҷойгиршавӣ, даромад ва ҷинс ба даст оварда шаванд. Аз ин рӯ, дар кишвар ба масъалаҳои таъмини тақсимоти маълумот барои мониторинги вазъи табақаҳои осебпазири аҳолӣ диққати махсус дода мешавад. Ин тавассути такмили мушоҳидаҳои омори давлатӣ, гузаронидани пурсишҳои нав ва ҳамкории фаъол бо дигар мақомоти давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ба даст меояд.

Уҳдадорӣ барои татбиқ намудани ҲРУ маънии онро дорад, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои Барнома барои давраи то соли 2030 бояд барои ҳамаи табақаҳои ҷомеа,

аз ҷумла гурӯҳҳои бештар осебпазири аҳолӣ ба даст оварда шаванд. Кӯдакон, махсусан гурӯҳҳои бештар осебпазири кӯдакон, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доранд, ки ҳадафи он таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҳар кӯдак мебошад. Аксари вақтҳо маълумоти маъмурӣ дар бораи кӯдакони осебпазир аз як идора гирифта намешавад. Он аз ҷониби муассисаҳои гуногун ҷамъоварӣ карда мешавад ва иттилооти ҷамъоваришуда дар маҷмуаҳои соҳавӣ нашр карда мешавад.

**Кӯдакони дорои маъюбият**

Моддаи 7 Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак талаб мекунад, ки давлатхои аъзо тамоми чорахои заруриро бояд андешанд, то ки пурра кӯдакони маъюб дар баробари кӯдакони дигар аз тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон истифода мебаранд. Дар ин раванд ҷамъоварии маълумоти оморӣ ба таври мувофиқ бояд ташкил гардад.

Арзёбии шумораи кӯдакони дорои маълулият яке аз муҳимтарин тадбирҳои зарурӣ барои таъмини самараноки сиёсат оид ба дастгирии кӯдакони дорои маълулият ва оилаҳои онҳо мебошад.

Барои ба даст овардани омори боэътимод ва муқоисашаванда дар бораи шумораи кӯдакони дорои маъюбият татбики мунтазами усулҳои самараноки муайян кардани чунин кӯдакон мухим мебошад.

Қайдҳои хулосавии КҲК дар соли 2017 ба норасоии маълумоти боэътимод дар бораи кӯдакони маъюб ишора мекунанд, ки ба пешниҳод ва арзёбии хизматрасониҳо ба онҳо монеа эҷод мекунад. Он тавсия медиҳад, ки маълумоти гурӯҳбандишуда оид ба кӯдакони дорои маъюбият ба таври мунтазам ҷамъоварӣ карда шаванд, ки ҷиҳати ҷорӣ намудани сиёсатҳо ва барномаҳои стратегии мувофиқ барои ин кӯдакон зарур аст. Дар Тоҷикистон маълумоти маъмурӣ танҳо кӯдаконеро дар бар мегирад, ки онҳо маъюбияти худро ба қайд гирифтаанд (шаҳодатномаи маъюбӣ доранд) ва кӯмакпулии давлатӣ мегиранд. Сабабҳои зиёде вуҷуд доранд, ки баъзе кӯдакони дорои маъюбият ба қайд гирифта намешаванд, мисол, тартиби гарон ва тӯлонии муоинаи тиббӣ ва пешниҳод намудани шаҳодатномаи маъюбӣ, хоҳиш надоштани волидайн ба далели доғи нанги (стигма) эҳтимолӣ ва табъиз ё надошатни огоҳӣ ва дер ошкор шудани аутизм ё дигар бемориҳо. Кӯдакони дорои маъюбият, ки ба қайд гирифта нашудаанд, аксари вақтҳо дар маълумоти оморӣ фаро гирифта намешаванд ва аз доираи низоми давлатии ҳифзи иҷтимоӣ берун мемонанд.

Дар маҷмуъ, ташаккули ҷамъоварии се намуди нишондиҳандаҳо доир ба кудакони маъюб хеле муҳим аст:

- нишондиҳандаҳо оид ба шумораи кудакони дорои маъюбӣ, ки аз манбаъҳои маъмурӣ (дар асоси ташхисҳои тиббӣ ё ҳисоботҳои клиникӣ) ва тадқиқоти хонаводаҳо муайян мегардад;
- нишондиҳандаҳо дар асоси хизматрасонӣ – ҳисоби кудакони маъюб, ки дорои ҳукукҳои гирифтани хизматрасониҳои мушаххас буда маълумоти оморӣ оид ба истифодабарии хизматрасонӣ, ки барои чен кардан дар сатҳи аҳолӣ пешбинӣ нашудаанд;
- нишондиҳандаҳои натиҷа, ки бештар ба онҳо дахл доранд -вазъи саломатӣ ва дастрасӣ ба хидматҳо, ҳузур дар мактаб, иштирок дар ҳаёти ҷомеа, шароити мехнат ва маишӣ, аз чумла камбизоатӣ, махрумияти моддӣ ва шароити манзил.

### Кӯдаконе, ки таҳти таъсири муҳоҷират қарор доранд

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВММША) омори муҳоҷиронро аз синни 18-солагӣ пеш мебарад, зеро танҳо шахсоне, ки ба синни балоғат расидаанд (18-сола) метавонанд дар кишварҳои қабулкунанда ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ ба қайд гирифта шаванд[51]. Системаҳои самарабахш барои муайян кардан ва ба қайд гирифтани оилаҳои муҳоҷирон бояд ташаккул ёбад. Дар ин раванд системаи боэътимоди пайгирӣ маънои онро дорад, ки маълумоти дақиқ дар бораи шумораи оилаҳои зарардида, таркиби демографӣ ва ниёзҳои мушаххаси онҳо пайдо мегардад. Дар натиҷа, таҳия ва пешниҳод намудани сиёсатҳои соҳавии ҳадафманд, чораҳо ва хизматрасониҳое асосноктар мегардад, ки ба ниёзҳои ин оилаҳо ҷавобгӯ бошанд. Бештари таҳқиқоти эмпирикии миқдорӣ оид ба кӯдакони дорои маъюбият ба маълумоте асос ёфтаанд, ки аз таҳқиқоти стандартии хонаводаҳо гирифта шудаанд. Таҳқиқотҳои миллии калони хонаводаҳо иттилооти кофиро дар бораи кӯдаконе, ки таҳти таъсири муҳоҷират қарор дороанд, бояд дар бар гиранд.

### Кӯдакон дар нигоҳубини алтернативӣ ва фарзандхондӣ

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби тасдиқгардида мақомоти васояту парасторӣ кӯдаконеро, ки бе парастории падару модар мондаанд, ошкор намуда, баҳисобгирии онҳоро амалӣ менамоянд. Баҳисобгирии омории кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, тибқи маълумоти китоби бақайдгирии аввалия оид ба кӯдакони бе парастории падару модар монда сурат мегирад. Ҳисоботи омории ҷамъбастӣ дар бораи шумораи кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, солона ба ҳисоб рафта, аз тарафи мақмоти васояту парастории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо таҳия ва ба мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва мақомоти омори маҳалли зисти кӯдак пешниҳод мегардад.

Дар тӯли даҳсолаи охир Тоҷикистон дастрасии маълумоти омориро дар бораи кӯдакони дар низоми нигоҳубини алтернативӣ қарордошта дар доираи ташаббуси минтақавии TransMonEE беҳтар намуд. ЮНИСЕФ Агентии оморро дар таҳия ва ҷорӣ намудани шакли нави ҳисоботи оморӣ оид ба кӯдакони аз парсатории падару модар маҳруммонда ва кӯдакони фарзандхондшуда дастгирӣ намуд, ки ҳамчун яке аз манбаъҳои ҳисоботдиҳӣ ба маҳзанҳои иттилоотии минтақавии TransMonEE вобаста ба муҳити оила хизмат мекунад. Бинобар ин, ҷиҳати мукаммал гардонидани ҷамъоварии маълумотҳои оморӣ ва бо мақсади такмили механизми ҷамъоварии маълумоти тақсимбандишаванда (аз рӯи ҷинс, синну сол, маъюбият, вазъи иҷтимоии кӯдакон, аз ҷумла кӯдакони ятиму бепарастор) Агентии омор дар ҳамкорӣ бо ЮНИСЕФ шакли ҳисоботи омории №103- РИК «Ҳисобот дар бораи шумораи кӯдакон ва наврасоне, ки аз парастории падару модар маҳрум мондаанд»-ро такмил дода, тасдиқ намуд. Агентии омор дар доираи лоиҳаи “Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон” дар соли 2024 ҷамъоварии шакли ҳисоботи омории 103-РИК ва дигар шаклҳои ҳисоботи омориро пурра тариқи электронӣ ба роҳ мемонад.

Маълумоти маъмурӣ дар бораи кӯдаконе, ки дар нигоҳубини алтернативӣ қарор доранд, аз ҷониби Вазорати маориф ва илм, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ҷамъоварӣ карда мешавад. Ҷамъоварӣ, коркард, ҷамъбаст ва пешниҳоди маълумотҳои муассисаҳои

[51] The 2020 population census round in the CIS region: outcomes, challenges, prospects (Давраи барӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 2020 дар минтақаи ИДМ: натиҷаҳои ниҳоӣ, мушкилот, дурнамоҳо): https://unece.org/sites/default/files/2022-09/WS_CISStat_Zbarskaya_ENG.pdf

зертобеи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ коғази сурат гиритфта, маҳзани электронии маълумот дар ин муассисаҳо барои ин гуруҳи кудакон таъсис дода нашудааст.

Маълумоти ҷамъоваришуда дар бораи кӯдакони фарзандхондшуда ба маълумоти Вазорати адлия ҶТ асос ёфтааст. Феҳристи Вазорати адлияи маълумотро дар бораи далели бақайдгирии фарзандхонӣ ва Суди Олӣ маълумотро дар бораи қарори суд дар бораи фарзандхонӣ пешниҳод менамояд, ки маълумоти дақиқтар аст, маълумоти тақсимотшуда (аз рӯи ҷинс, синну сол, саъюбият ва ғайра) бояд ҷамъоварӣ карда шавад.

### Самтгирии фаъолият барои таъмини дастрасӣ ва сифати маълумот дар доираи бахши «Кӯдакони осебпазир» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| **Вазифаҳои асосӣ** | Ташаккули системаи миллии ба якдигар алоқаманд барои ҷамъоварии маълумоти мукаммал дар бораи кӯдакони дар нигоҳубини алтернативӣ қарордошта. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Гузаронидани таҳлили бештар амиқи маълумот дар бораи кӯдакони дар нигоҳубини алтернативӣ қарордошта мутобиқи методологияҳои байналмилалӣ ва таҳияи накшаҳои мушаххас оид ба такмили низоми чамъоварии маълумот.<br><br>Нашр ва дастрас намудани шаклҳои нав, яъне шакли ҳисоботии омории 103-РИК бо дастурамалаш; китоби бақайдгирии аввалияи кӯдаконе, ки аз парастории падарумодар маҳрум мондаанд ва китоби бақайдгирии кӯдаконе, ки аз парастории падару модар маҳрум мондаанд ва дар тарбияи оилаҳои шаҳрвандон мебошанд (васоят, парасторӣ ва фарзандхондӣ) ба мақомотҳои васоят ва парасторӣ ва комиссияҳои ҳуқуқи кудак дар шаҳру ноқияҳои ҷқмхурӣ;<br><br>Гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ дар бораи истифодаи шаклҳои нав ва истифодаи маълумот барои кормандони асосии комиссияҳои ҳуқуқи кӯдак ва мақомотҳои дахлдор дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;<br><br>Дар заминаи китобҳои бақайдгирии кӯдакони аз парстории волидайн маҳруммонда, таҳия ва ҷорӣ намудани маҳзани электронии маълумот оид ба кудакони бепадару модар монда ва ҷойгиркунии онҳо.<br><br>Таҳия ва тасдиқи шакли ҳисоботи омории ягона оид ба кӯдаконе, ки дар муассисаҳои намуди интернатӣ қарор доранд (бо тақсимот аз рӯи ҷинс, синну сол, маъюбият ва ғайра) барои мақомоти давлатие, ки дар тобеияташон муассисаҳои намуди интернатӣ доранд, инчунин таҳия ва тасдиқи дастурамали таҳияи маълумотҳо ва пур кардани шакли ҳисоботи оморӣ, барои кормандони масъули вазоратҳо бо нишон додани метамаълумотҳои нишондиҳандаҳо;<br><br>Ҳамоҳангсозии механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ дар муассисаҳои интернатӣ ва дар заминаи механизми ҷамъоварии маълумотҳои маъмурӣ таҳияи маҳзани ҳамгирошудаи маълумот дар бораи кӯдаконе, ки дар муассисаҳои интернатӣ тарбия мегиранд. |
| **Масъул** | Агентии омор, ВМИ, ВТҲИА ҶТ, ВММША |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ, ЮСАИД |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захирахо** | Паст |

| | |
|---|---|
| **Вазифаҳои асосӣ** | Ташаккули махзани иттилооти ягона оид ба кӯдакони осебпазир (кӯдакони дорои маъюбият, кӯдакони ятим). |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Таҳлили имконияти пайваст кардани системаҳои вуҷуддошта оид ба кудакони осебпазир ва муайян кардани камбудиҳои маълумот.<br>Ташкил намудани махзани ягонаи иттилоот оид ба кудакониосебпазир (ВМИ ваколатдор аст). |
| **Масъул** | ВМИ |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ, БҶ |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захирахо** | Баланд |

| | |
|---|---|
| **Вазифаҳои асосӣ** | Баргузории таҳқиқот оид ба кӯдакони маъюб/дорои мушкилоти функсионалӣ |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Омӯхтани имкониятҳои гузаронидани ТКНБ (MICS) ё дохил намудани модули фаъолияти кӯдакон дар таҳқиқоти дахлдори хонавода. |
| **Масъул** | ВТҲИА ҶТ, ВМИ |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ, JICA |
| **Зарурат** | Муътадил |
| **Масрафи захирахо** | Муътадил, Назаррас |

## 7. Асосноксозии самтгирии фаъолият дар беҳтар намудани омори кӯдакон

Ва ниҳоят дар маҷмӯъ, баррасии масъалаҳои асосӣ ва чораҳои зарурии байнисоҳавӣ ҷиҳати беҳтар кардани маълумот барои кӯдакон бо мақсади беҳтар назорат кардани вазъи кӯдакон бо дарназардошти уҳдадориҳои ҲРУ ва КҲК, инчунин суръат бахшидан ба дастёбии натиҷаҳои ниҳоии вобаста ба кӯдакон муҳим аст. Дар ин раванд бояд афзалиятҳои амалҳои фаврӣ ва ҳамчунин сармоягузориҳои афзалиятдори дарозмуддат оиди маълумот дар бораи кӯдакон дар сатҳҳои миллӣ ва зермиллӣ инъикос гардад.

## Самтгирии маҷмӯии фаъолият барои таъмини дастрасӣ ва сифати маълумот доир ба кӯдакон дар Ҷумхурии Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| **Вазифаҳои асосӣ** | Таъмини ҳамоҳангсозии мувофиқи системаҳои гуногуни иттилоотӣ, ки барои пешниҳоди иттилоот дар чорчӯби вазорату идораҳои соҳавӣ ташкил карда шудаанд. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Ташвиқ намудани ҳамоҳангсозӣ дар чорчӯбаи системаҳои вуҷуддошта ва байни онҳо (СИИТ, СИИМ, КУИ, ТБХ ва ғ.).<br>Омӯхтани имкониятҳои пайваст кардани системаҳои гуногуни маълумот ба як системаи ягона дар робита ба бақайдгирии таваллуд, кӯдакони дар нигоҳубини алтернативӣ қарордошта, кӯдакони дорои маъюбият ва кӯдакони дар мухолифат бо қонун қарордошта. |
| **Масъул** | Агентии омор, ҳамаи вазорату идораҳои дахлдор |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ, идораҳои СММ, муассисаҳои байналмилалии молиявӣ |
| **Зарурат** | Муътадил |
| **Масрафи захирахо** | Баланд |

| | |
|---|---|
| **Вазифаҳои асосӣ** | Ташкили таъмини муносибати ҳамаҷониба ба сифати маълумоти таҳияшаванда. Гурӯҳбандии номувофиқи маълумот дар системаҳои гуногуни маълумот. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Ташкил намудани Гурӯҳи корӣ ё Зергурӯҳи корӣ оид ба маълумот барои кӯдакон.<br>Ташкил намудани Чорчӯбаи таъмини сифати маълумот барои маълумоти маъмурӣ ва татбиқ намудани он дар дигар бахшҳо.<br>Мутобиқсозии гурӯхбандии маълумот (гурӯҳҳои синну солӣ, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ) дар системаҳои гуногуни маълумот, махсусан гурӯҳбандии синну сол ва гурӯҳбандии ҷуғрофӣ. |
| **Масъул** | Агентии омор, вазорату идораҳои дахлдор |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ, БҶ |
| **Зарурат** | Муътадил |
| **Масрафи захирахо** | Паст |

| | |
|---|---|
| **Вазифаҳои асосӣ** | Таъмини дастрасии васеъ ба маълумот вобаста ба кӯдакон барои истифодабаронда-гон, аз он ҷумла дастрасӣ ба микромаълумот барои таҳлили дуюмдараҷа |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Ташкил намудани платформаи миллии маълумот оид ба вазъи ҳуқуқҳои кӯдакон, аз ҷумла тавассути ҳамгиросозии маълумот ба платформаҳои миллии паҳнкунии маълумот.<br>Ташвиқи зиёд кардани талабот ба маълумот ва истифодаи маълумоти вобаста ба кӯдакон барои мониторинги вазъи кӯдакон, ҳисоботдиҳӣ дар бораи иҷрои КҲУ.<br>Муқаррар намудани тартиботи расмӣ дар Агентии омор ва вазоратҳои дахлдор барои дастрасӣ ба микромаълумот.<br>Дар доираи имкониятҳо ҷойгир намудани микромаълумотҳо дар сомонаи расмии мақомоти омор ва вазорату идораҳо. |

| | |
|---|---|
| **Масъул** | Агентии омор, дигар вазорату идораҳои дахлдор |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ, БҶ |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захираҳо** | Муътадил |

| | |
|---|---|
| **Вазифаҳои асосӣ** | Дастгирии рушди равандҳои самарабахши банақшагирии таҳқиқоти асосии хонаводаҳо барои ҳисобот додан дар бораи нишондиҳандаҳои ҲРУ, СМР/БМР ва истифодаи нокофӣ аз маълумоти таҳқиқот барои ҳисоботдиҳӣ дар бораи БМР/СМР. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Тақвият додани раванди банақшагирии таҳқиқоти асосӣ ва маълумоти оморӣ барои мониторинги ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ ва нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон.<br>Гузаронидани таҳқиқотҳои пилотӣ барои муайян намудани нишондиҳандаҳои мавҷуднабудаи ҲРУ. |
| **Масъул** | Агентии омор, ВРИС |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ, БРСММ, БҶ |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захираҳо** | Муътадил |

| | |
|---|---|
| **Вазифаҳои асосӣ** | Дастгирии истифодаи васеи маълумоти дахлдор дар бораи кӯдакон дар раванди банақшагирӣ, татбиқ, мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ оид ба сиёсатҳои миллӣ ва уҳдадориҳои байналмилалӣ. |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Дастгирии фаъолиятҳои омузишӣ барои кормандони муассисаҳо оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ва вазоратҳои дахлдори соҳавӣ бари баланд бардоштани иқтидор оид ба таҳлил ва истифодаи омори кудакон.<br>Тақвият додани иқтидори институтсионалии миллӣ барои гузаронидани мониторинг ва арзёбӣ тавассути таҳкими талошҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи тавоноии институтсионалӣ ҷиҳати баргузор намудани мониторинг ва арзёбӣ. |
| **Масъул** | Агентии омор, ВРИС, Академияи идоракунии давлатӣ, вазоратҳои соҳавӣ |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ, БРСММ, созмони Занони СММ |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захираҳо** | Муътадил |

| | |
|---|---|
| **Вазифаҳои асосӣ** | Ташаккули низоми пайгирии нишондиҳандаҳои ҲРУ бо баинобатгириии равандҳои буҷетӣ |
| **Амалҳои пешниҳод-шаванда** | Ташкил намудани механизм барои беҳтар кардани ҷараёни маълумот дар бораи ҲРУ ва ҳамоҳангсозӣ дар равандҳои банақшагирӣ, таҳияи буҷет ва ҳисоботдиҳӣ.<br>Роҳандозӣ намудани воситаи пайгирии молиявии ҲРУ аз озмоиш (бахши маориф) ба бахшҳои дигар. |
| **Масъул** | Агентии омор, ВРИС, вазоратҳои соҳавӣ бо машварат бо Вазорати молия |
| **Шарик** | ЮНИСЕФ, БРСММ |
| **Зарурат** | Баланд |
| **Масрафи захираҳо** | Муътадил |

## 8. Самтҳои стратегӣ барои сармоягузорӣ дар самти беҳтар намудани маълумот оид ба кудакон

Омор ва маълумот вобаста ба ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон васеътару равшантар бояд шавад аст. Дар маҷмӯъ, он бознигарии маълумотро дар чорчӯбаи васеътари ҳуқуқҳои кӯдак пешниҳод мекунад.

Ҳамзамон, ду вазифаи мақсадноки *ҲРУ* бевосита ба беҳсозии омори расмӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, ки дар чорчӯбаи арзёбиҳо ва пешгӯиҳои демографӣ муҳим аст, маҳз:

- таъмини дастрасии ҳамагон ба иттилоот (вазифаи 16.10);
- ташаббусҳо оид нишондиҳандаҳои арзёбии пешрафт дар рушди устувор бояд мустаҳкам карда шуда, афзоиши неруи омор дар кишвархои рушдёбанда бояд таъмин гардад ( вазифаи 17.19).

Ба таври куллӣ, дар Тоҷикистон интизор меравад, ки таваҷҷуҳ барои беҳсозии дастрасӣ ба маълумот, таъмин намудани таҷдиди систематикии пойгоҳи доираи васеи нишондиҳандаҳо, аз ҷумла нишондиҳандаҳои ҲРУ, бо тақсимбандии онҳо аз рӯи категорияҳову минтақаҳо пурзӯр карда хоҳад шуд.

Соҳаҳои афзалиятдор барои эҷод намудани платформаи идоракунии пешрафт дар бахши мазкур инҳоро дар бар мегиранд:

- инкишофи механизмҳои банақшагирӣ ва амалисозии сиёсат бо мақсади баланд бардоштани самарабахшии истифодаи захираҳо ва таъмин намудани боздеҳи иҷтимоии ислоҳоти иқтисодӣ;
- пурзӯр намудани потенсиали иттилоотӣ ва оморӣ, эҷоди махзани иттилоотии муосир, ки ба маълумоти саривақтиву боэътимод ва таҳияи нишондиҳандаҳои қобили муқоиса такя мекунад.

Дар маҷмуъ, самтгирииии рушди раванди милликунонии ҲРУ пайваста бо кудакон инҳоянд:

- *Мавҷудияти маълумот ва бартараф намудани норасоиҳо*. Барои баъзе нишондиҳандаҳои ҲРУ доир ба кудакон маълумот дастрас нест ё холигии маълумотхо вуҷуд дорад, зеро маълумоти аввалия мавҷуд нест ё маълумот мунтазам ҷамъоварӣ карда намешавад ва дар бораи даври навбатии ҷамъоварии маълумот итминон вуҷуд надорад, ки муттасилиро таъмин намекунад ва қобилияти мониторинги нишондиҳандаҳои ҲРУ -ро маҳдуд мекунад. Дар баробари ин, талаботи ҳадди ақали байналмилалӣ оид ба ҳисобот оид ба нишондиҳандаҳои ҲРУ аз соли 2015 силсилаи динамикӣ мебошанд.
- *Сифати маълумот.* Барои мониторинги нишондиҳандаҳои ҲРУ доир ба кудакон, провайдерҳои масъули маълумот бояд таъмин намудани иттилооти босифатро кафолат диханд, махсусан барои муассисаҳое, ки истеҳсолкунандагони омори расмӣ нестанд ва аз манбаъҳои ғайрирасмии маълумот истифода мебаранд.
- *Набудани метамаълумот барои нишондиҳандаҳои инфиродӣ.* Шарти муҳими пешниҳоди маълумот мавҷудияти таърифҳо ва метамаълумотҳои возеҳ барои нишондиҳандаҳои ҲРУ доир ба кудакон дар сатхи ҷаҳонӣ ва миллӣ мебошад.
- *Муайян кардани провайдери масъули маълумот*. Муайян кардани провайдери масъули маълумот оид ба ҳамаи нишондиҳандаҳои ҲРУдоир ба кудакон, махсусан барои нишондиҳандаҳои сифатӣ ва нишондиҳандаҳое, ки маълумоти зарурӣ дар муассисаҳои гуногун ҷойгиранд, хеле мухим аст. Аз рӯи баъзе нишондиҳандаҳо, провайдерҳои маълумот ташкилотҳои байналмилалӣ мебошанд (ЮНИСЕФ, Бонки Ҷаҳонӣ, ФАО ва ғайра). Мувофики ин масъулияти истехсолот низ ба души онхо меафтад.
- *Тақсимбадию гурухбандии маълумот*. Рӯзномаи 2030 зарурати тақсимоти маълумот доир ба кудаконро таъкид мекунад, то ин ки „касеро дар канор нагузорем“. Таъмини тақсимоти зарурии маълумот метавонад бо бисёр масъалаҳо алоқаманд бошад: хатари ошкор кардани маълумоти ҳассос, имконпазирӣ, набудани роҳнамоии методологӣ.
- *Шабакаи шарикӣ*. Барои самаранок гузориш додан дар бораи дастовардҳои рушди устувор вобаста ба кудакон, бояд нақши ҳар як макомоте, ки барои таҳия ва мониторинги нишондиҳандаҳои ҲРУ доир ба кудакон масъул аст, муайян карда шавад. Таҳияи нишондиҳандаҳои ҲРУ дар сатҳи миллӣ кӯшишҳои иловагиро аз ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, ҳам дар робита ба таъмини мавҷудияти нишондиҳандаҳои гумшуда ва ҳам пайвастагии равандҳои ҷамъоварӣ талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, таъмини ҳамкории мутақобила дар шабакаи шарикии таъсисёфта байни ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор хеле муҳим аст.

Силсилаи машваратҳо бо ҷонибҳои манфиатдор доир ба такмили базаи иттилооти доир ба кудакон бо дастгирии ЮНИСЕФ баргузор гардонида шуд. Дар натича тавсияҳо барои бартараф намудани камбудиҳо равона мегарданд.

## Тақвияти талабот ба маълумот оид ба ҳуқуқи кӯдак

*Мухлат: кӯтоҳмуддат то миёнамуддат*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори ҳуқуқи кӯдак вуҷуд дорад, ки ба қонунгузорӣ ва чорчӯбаи сиёсати ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак нигаронидашуда асос ёфтааст. Афзалиятҳои вобаста ба кӯдакон ва баъзе аз нишондиҳандаҳои ҲРУ, ки ба наздикӣ ба ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ ворид карда шудаанд, талаботро ба маълумот ташаккул медиҳанд. Мақоми миллии ҳамоҳангсози ҳуқуқи кӯдак – Комиссияи миллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдаки Ҳукумати Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини сарвазир мебошад, ки ду маротиба дар як сол даъват карда мешавад. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, ҳисоботдиҳии аъзоёни Комиссияи миллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак ба фаъолият нигаронида шудааст. Дар ин раванд афзоиши диққат ба нишондиҳандаҳои ба натиҷа нигаронидашуда оид ба вазъияти кӯдакон хеле муҳим аст. Нақшаҳои миллии амалҳо оид ба татбиқи Қайдҳои хулосавии КҲК ба таври доимӣ назорат карда мешаванд. Аз ин рӯ, талабот ба маълумот ва далелҳо оид ба вазъияти кӯдакон ва амалисозии ҳуқуқҳои кӯдак ба вуҷуд меояд.

*ИДОМА ДОДАНИ* кор барои муайян кардани чорчӯбаи нишондиҳандаҳои мониторинги маълумоти вобаста ба кӯдакон.

*ИДОМА ДОДАНИ* ташвиқоту тарғибот барои дохил намудани нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон ва чорчӯбаҳои мониторинги ҳуқуқҳои кӯдак ба стратегияҳо ва нақшаҳои миллии амал.

*ИДОМА ДОДАНИ* дастгирӣ барои таҳкими системаҳои миллии мониторинг ва арзёбӣ бо таваҷҷуҳ ба ҳуқуқҳо ва афзалиятҳои кӯдакон.

*ТАКВИЯТИ* дастгирии Комиссияи миллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак барои мониторинги бештар самарабахш ва ба далелҳо асосёфтаи вазъияти Қайдҳои хулосавии КҲК, мониторинги вазъи кӯдакон ва амалисозии ҳуқуқҳои онҳо ҷиҳати эҷоди талабот ба натиҷаҳои ба далелҳо асосёфта барои кӯдакон.

## Бартараф кардани камбудиҳои маълумот тавассути гузаронидани таҳқиқотҳо

*Мухлат: кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат*

Вақте ки сухан дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ва амалишавии ҲРУ меравад, хеле муҳим аст, маълумотҳо ба талаботҳои муайян ҷавобгӯ бошанд:

- Мавҷудияти силсилаи маълумоти доимо ҷамъоваришаванда;.
- Мутобиқат бо методологияи дар ҷаҳон эътирофшуда ё кабулгардида;
- Пешниҳоди маълумоти ибтидоӣ,мисол ба монанди рушди барвақти кӯдак ва зӯроварии ҷинсӣ то синни 18-сола.
- Маълумоти дорои басомади баланд (высокочастотные данные). Системае барои гирифтани маълумот дар вақти воқеӣ ё маълумоти таҳлили тӯлӣ (данные продольного анализа) оид ба нишондиҳандаҳои асосии вобаста ба кӯдакон барои қабул кардани қарорҳои огоҳона дар равандҳои банақшагирӣ ва мониторинг бояд ташаккул ёбад. Дар Таҳқиқоти “Гӯш додан ба Тоҷикистон” саволҳои мушаххаси вобаста ба кӯдакон бояд ворид гардад.

Бо дарназардошти хусусияти бисёрҷанбаи маълумот дар бораи кӯдакон муҳим аст:

*ИДОМА ДОДАНИ* талошҳои давомдор ҷиҳати ҳамгиросозии саволҳо ва модулҳои вобаста ба кӯдакон дар таҳқиқоти мавҷуда ва банақшагирифташудаи хонаводаҳо бо таваҷҷуҳ ба талаботҳои методологӣ. Масалан, модул оид ба интизоми кӯдакон дар Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ, камбизоатии кӯдакон дар Таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо ва некӯаҳволии кӯдакон дар Таҳқиқоти "Гӯш додан ба Тоҷикистон".

*ОҒОЗ НАМУДАНИ* кор оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии Агентии омор дар бораи воситаҳои навтарини Таҳқиқоти кластерӣ бо нишондиҳандаҳои бисёр (MICS), ки метавонанд маълумоти мувофиқро дар бораи кӯдакон, ҷавонон ва занон дар кишвар ва маълумоти ибтидоиро барои баъзе аз нишондиҳандаҳо (масалан, рушди барвақтии кӯдак) таҳия кунанд.

*ТАҚВИЯТ ДОДАНИ* ташвиқоту тарғибот ва талошҳо барои сафарбаркунии захираҳо ҷиҳати гузаронидани Таҳқиқоти кластерӣ бо нишондиҳандаҳои бисёр оид ба кӯдакон.

## Беҳтар кардани сифати маълумоти маъмурӣ бар асоси арзёбии амиқ

*Муҳлат: кӯтоҳмуддат то миёнамуддат*

Арзёбии умумии маълумоти маъмурӣ ба ошкор кардани холигоҳҳо ва камбудиҳое мусоидат менамояд, ки ба раванди мониторинги доимии ҲРУ ва вазъияти ҳуқуқҳои кӯдакон ба ҳаёти шоиста, ҳаёт ва саломатӣ, таҳсилоти босифат, оби тозаи ошомиданӣ, муҳити бехатари зиндагӣ ва ҳаёти озод аз ҳар гуна зӯроварӣ монеъ мешаванд.

Сифати маълумоти маъмурӣ масъалаи системавӣ мебошад. Зарурати афзоишёбанда ба истифодаи васеътари маълумоти маъмурӣ барои таҳияи маълумоти расмии оморӣ ташкил намудани системаи идоракунии сифати онҳоро тақозо мекунад. Барои беҳтар фаҳмидани вазъи системаҳои маълумот дар соҳаҳои мушаххас, ки он ҷо камбудиҳои асосӣ вобаста ба маълумот вуҷуд доранд ва андешидани чораҳои мушаххас барои беҳтар кардани сифати маълумоти маъмурӣ:

*ИДОМА ДОДАНИ* кор барои гузаронидани арзёбиҳои амиқтар, таҳия ва татбиқ намудани нақшаҳои мушаххас ҷиҳати беҳтар кардани маълумотҳои соҳавӣ. Яке аз соҳаҳое, ки таваҷҷуҳи фавриро талаб мекунад, маълумот дар бораи кӯдакони дар нигоҳубини алтернативӣ қарордошта мебошад.

*ОҒОЗ НАМУДАНИ* кор барои дастгирии таъсиси чорчӯбаи таъмини сифати маълумот, тартиботи кафолати сифат ва воситаҳо барои маълумоти оморӣ оид ба кӯдакон.

*ОҒОЗ НАМУДАНИ* кор барои арзёбии омори кӯдакон ва мувофиқати он бо классификатсияҳои байналмилалӣ, махсусан барои маълумоти байнисоҳавӣ оид ба зӯровари нисбати кудакон, адолати судӣ нисбат ба кӯдакон, кудакон дар ҳолатҳои фавқулодда ва дигар гурӯҳҳои осебпазир кӯдакон.

*ВАСЕЪ НАМУДАНИ* татбиқи чорчӯбаҳои арзёбии умумӣ ва бахшҳо, инчунин воситаҳои таҳкими системаҳои маълумот, аз ҷумла маълумоте, ки аз ҷониби ЮНИСЕФ пешниҳод карда мешаванд[67]. Ин методологияи боэътимодро пешниҳод намуда, сифат ва қобили муқоиса будани маълумотро беҳтар мекунад.

## Беҳтар кардани механизмҳои байнисоҳавии мубодилаи маълумот

*Мухлат: миёнамуддат ва дарозмуддат*

Системаҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон бо мурури замон бо дастгирии донорҳо ва идораҳои гуногуни рушд инкишоф ёфтанд. Хеле мухим аст, ки дар байни системаҳои гуногуни иттилоотӣ ҳамгироӣ дида шавад.

Ҳамгиросозии системаҳои гуногуни иттилоотии вуҷуддошта дар муддати кӯтоҳ бо сабабҳои техникӣ, маъмурӣ ва ҳуқуқӣ (аз ҷумла бо назардошти бехатарии маълумот) бояд имконпазир гардад. Корҳое, ки ташкил намудани махзанҳои иттилоотӣ ё системаҳои иттилоотии мустақилро бидуни арзёбии пайвастшавӣ ва ҳамгиросозии эҳтимолии он дастгирӣ мекунанд бояд кам карда шаванд. Аз ин рӯ, мавридҳои зерин тавсия дода мешавад:

*ИДОМА ДОДАНИ* кор оид ба консептуализатсия ва эҷод намудани системаи идоракунии парвандаҳо (кейс менеджмент) вобаста ба ҳифзи кӯдакон, ки ин нуқтаи ибтидоии хубе барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои байнисоҳавӣ, механизмҳои равонасозӣ ва мубодилаи маълумот мебошад.

*ТАҚВИЯТ ДОДАНИ* талошҳо барои омӯхтани беҳтарин нуқтаҳои ибтидоӣ ҷиҳати беҳтар кардани ҳамгиросозии системаҳои иттилоотӣ дар чорчӯби арзёбиҳои мушаххас ва ташаббусҳои вобаста ба маълумот (масалан, ҳангоми таҷдид намудани СИИТ, СИИМ, сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва омори ҳаракати табиии аҳолӣ) ва кӯшишҳо барои табдили маълумоти рақамӣ.

*ТАҲКИМИ* шарикӣ бо дигар идораҳои СММ ва шарикони рушд барои тарғиб ва сафарбар кардани захираҳо ва талошҳо ҷиҳати беҳтар таъмин намудан ва истифода аз маълумоти байнисоҳавӣ ва қобилияти робитаи мутақобилаи системаҳо**.**

## Беҳтар кардани дастрасии маълумот вобаста ба кӯдакон

*Мухлат: миёнамуддат*

Дастрасӣ ба системаҳои иттилоотии соҳавӣ бояд васеътар гардад. Бо дарназардошти он ки маълумоти вуҷуддоштаи маъмурӣ дар бораи кӯдакон асосан дар нашрияҳои гуногуни мавзӯъӣ ё соҳавии қоғазӣ ҷойгир аст, пеш аз ҳама муҳим аст, ки маълумоти асосии соҳавӣ ва байнисоҳавӣ оид ба кӯдакон барои истифода дастрас бошанд. Барои беҳтар кардани дастрасии маълумот вобаста ба кӯдакон:

*ИДОМА ДОДАНИ* кор бо шарикони дахлдор оид ба нашри мунтазами нашрияи махсус дар бораи вазъи ҳуқуқҳои кӯдакон дар кишвар, ки ҳамаи маълумоти оморӣ ва маводҳои таҳлилии вобаста ба кӯдаконро муттаҳидкунанда .

*ТАҚВИЯТ ДОДАНИ* талошҳо барои ташкил намудани Портали миллии маълумот дар бораи кӯдакон тавассути сомонаи махсус ё аз тариқи ҳамгиросозӣ ба платформаи вуҷуддоштаи паҳнкунии маълумот, ки аз ҷониби Агентии омор идора карда мешавад. Ҳамаи маълумоти мавҷудаи гурӯҳбандишудаи маъмурӣ, аз ҷумла дар сатҳи зермиллӣ ва маълумоти таҳқиқотҳо оид ба кудакон бояд ба як платформа муттаҳид карда шаванд.

*ТАҲКИМИ* талошҳо оид ба дастрас кардани воситаҳои иттилоотӣ барои муайян ва пайгирӣ намудани осебпазирӣ дар сатҳи зермиллӣ ва тақвият додани қабули қарор дар асоси омор ва далелҳо. Ҳамчунин, муҳим аст, ки тамоми маълумоти вуҷуддоштаи маъмурӣ оид ба нишондиҳандаҳои ҲРУ вобаста ба кӯдакон дар сатҳи зермиллӣ барои пайгирӣ бо истифода аз маълумоти маъмурӣ ҳамчун манбаъи алтернативӣ ҷамъоварӣ карда шаванд.

## Ташвиқи истифодаи маълумот, аз ҷумла дар сатҳи зермиллӣ

*Мухлат: кӯтоҳмуддат ва миёнамуддат*

Фаҳмидан ва **эҷод намудани талабот ба далелҳо** дар ҳамкории наздик бо истифодабарандагони эҳтимолии маълумот муҳим аст. Маълумоти ҷамъоваришуда ба иттилоот табдил дода шуда барои қабул кардани қарорҳо бояд истифода шавад. Истифодаи платформаҳои вуҷуддоштаи маълумот, ки бо дастгирии донорҳои гуногун ё идораҳои СММ таҳия карда шудаанд, бо мурури замон бояд устувор бошанд. Ба ҳамин монанд, табдили додани маълумот ба маълумоти рақамӣ моҳиятан ба истифодаи беҳтари маълумот бояд оварда расонад. Дар баробари бахтар кардани пешниҳоди маълумот, талошҳо бояд ҷиҳати пешгӯии истифодаи эҳтимолии маълумот ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии идораҳои ҷалбшуда ва масъул барои амалисозии ҳуқуқҳои кӯдак, дар бораи нишондиҳандаҳои вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдак, барномасозии ба кӯдак нигаронидашуда ва чӣ гуна бомасъулият ва ба таври самарабахш истифода бурдани маълумот дар кори худ ва истифодаи далелҳо барои натиҷаҳои ниҳоии беҳтар нисбат ба кӯдакон анҷом дода шаванд.

*АФЗОИШ ДОДАНИ* корҳои ташвиқотию таблиғотӣ дар бораи зарурияти маълумот дар ноил шудан ба натиҷаҳо ва омӯзиш оид ба ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои асосӣ вобаста ба кӯдакон бо истифода аз маълумоти демографӣ ва осебпазирӣ аз манбаъҳои гуногуни маъмурӣ дар сатҳи миллӣ ва зермиллӣ.

*ОҒОЗ НАМУДАНИ* кор дар шарикӣ бо муассисаҳои миллӣ ва доираҳои илмӣ оид ба таҳлили дуюмдараҷаи маълумот, аз ҷумла барӯйхатгирии аҳолӣ, таҳқиқотҳои асосӣ (ТТД, ТБХ) ва маълумоти маъмурӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба кӯдакон.

*АФЗОИШ ДОДАНИ* сармоягузорӣ дар баланд бардоштани иқтидори шахсони тасмимгиранда ва муассисаҳои дахлдор вобаста ба ҳуқуқҳои кудакон. Сармоягузорӣ барои пешбурди сиёсати ба далелҳо асосёфта мумкин аст тавассути таҳияи курс ё модули омӯзишӣ дар бораи мониторинг ва арзёбии стратегияҳои миллӣ мутобиқи уҳдадориҳои ҲРУ ва КҲК ва/ё мониторинги ҳуқуқҳои кӯдак дар шарикӣ бо идораҳои давлатӣ ва доираҳои илмӣ (масалан, Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Академияи идоракунии давлатӣ) анҷом дода шавад.

юнисеф

барои ҳар як кӯдак